ҲАМАГӢ 8 НАФАР МОНДАНД с. 9

100 ҲАЗОРИ РАСУЛ БОҚИЕВ БА «РОҒУН» с. 2

МУШКИЛИ ИНТЕРНЕТ ҲАЛ МЕШАВАД? с. 5

ТОҶИКИСТОН

№ 18 (1682), 6.05.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992





СЕЛУ ОБХЕЗИҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

талафоти ҷонӣ ва садҳо оилаи зарардида

ДАР ИН ШУМОРА:

ШАҲОДАТНОМАИ ХАТМ
Маблағи он чӣ қадар аст? с.2

ЮЛДУЗ УСМОНОВА
Чаро яҳудиён муқобили ӯ хестанд? с.4

МОШИНҲОИ ГАРОНВАЗН
Маҳдудияти ҳаракат дар роҳҳо с.5

НИГАРОНӢ
Вақте интернет “муаллим” мешавад с.6

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ:
Сабзаалӣ, сабзу мунаввар гардӣ! с.8

МИРЗО ТУРСУНЗОДА
Баракати суҳбат бо шоир с.13

ФИШОРБАЛАНДӢ
7 омили асосии гирифторшавӣ с.12

GRAND SLAM 2026
Се нишони тило ва як биринҷии паҳлавонони тоҷик с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

50 000 СОМОНӢ БА ҲАР СОБИҚАДОРИ ҶБВ

Саркори давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Тоҷикистон, ки ҳоло 8 нафар мондаанд, 50 ҳазор сомонӣ ҷудо кард.

Ба иттилои Шурои собиқадорони ҷангу меҳнати Тоҷикистон, ин маблағ то 9-уми майи соли равон ба ҳамаи собиқадорон супорида мешавад. Соли гузашта низ ба ҳар як иштирокчии ҶБВ, ки 17 нафар буданд, ҳамин миқдор маблағ ҷудо гардида буд.

Ҳамасола ба муносибати Иди Ғалаба ҳукуматҳои маҳаллӣ низ ба собиқадорон кумак мерасонанд. Аз ҷумла, имсол ҳукумати вилояти Суғд ба ҳар як собиқадори ҶБВ, ки ҳоло дар минтақа 2 нафар мондаанд, 25 ҳазор сомонӣ ҷудо кардааст. Инчунин, ба 39 нафар иштирокчиёни ақибгоҳ 10 ҳазор сомонӣ дода шуда, дар маҷмуъ 390 ҳазор сомонӣ пардохт мегардад.

Тибқи маълумот, ба ҳолати 30-юми апрели соли 2026 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 8 собиқадори ҶБВ дар қайди ҳаёт ҳастанд. Рӯзи 30-юми апрел Мирзо Ғафуров, собиқадори ҶБВ аз ноҳияи Хуросон дар синни 100-солагӣ даргузашт. Пеш аз он, 27-уми апрел Раҷаб Исмонов, охирин собиқадори ҶБВ аз Ҳисор низ дар синни 100-солагӣ фавтид.

Ёдовар мешавем, ки аз Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳудуди 300 ҳазор нафар ба чабҳа сафарбар шуда, 92 ҳазор нафари онҳо ҳалок ё бедарак шудаанд.

АРЗИШИ ШАҲОДАТНОМАИ ХАТМ МУАЙЯН ШУД

Соли 2026 арзиши шаҳодатномаи хатми мактаб 9 сомонию 3 дирам муайян шудааст.

Бино ба иттилои Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон, маблағ бояд тариқи ғайринақдӣ пардохт ва расиди он ба мактаб пешниҳод гардад.

Дар ҳолати талаби маблағи аз меъёри муайяншуда зиёд хонандагон ва волидони онҳо метавонанд ба Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ва ниҳодҳои зертобеи он дар шаҳру ноҳияҳо шикоят кунанд. Ҳамчунин, метавонанд тариқи рақамҳои 227-76-86 бо вазорат дар тамос шаванд ё дар сомонаи maorif.tj хаттӣ мурочиат кунанд.

Ду соли охир барои дарёфти шаҳодатномаи хатм хонандагон 8 сомониву 63 дирам пардохт мекарданд.

ҒОЛИБОНИ «MISS DUSHANBE - 2026»

Озмуни “Miss Dushanbe - 2026” ҷамъбаст шуда, ғолибон дар чанд номинатсия эълон шуданд.

Раҷабова Сумая дар номинатсияи Miss Popular Choice (Мисс маҳбуби дилҳо) пирӯз гардида, соҳиби 100 000 сомонӣ ва тоҷи тилоӣ ва Субҳия Тоҳирзода дар номинатсияи Miss Intellect ғолиб дониста шуда, соҳиби 100 000 сомонӣ ва тоҷи тилоӣ гардиданд.

Ҷоизаи асосиро Фариштамоҳ Асламова ба даст оварда, бо 150 000 сомонӣ ва тоҷи тилоӣ сарфароз гардонида шуд.



300 000 РУБЛ САҲМИ РАСУЛ БОҚИЕВ БАРОИ «РОҒУН»

Варзишгари маъруфи тоҷик Расул Боқиев ба бунёди нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” 300 ҳазор рубл, муодили ҳудуди 37 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ кард.

Расул Боқиев ин маблағро пас аз боздид аз иншооти муҳими стратегии кишвар тақдим намудааст. Ҳарчанд ҳаҷми маблағ барои сохтмони “Роғун” чандон бузург нест, аммо иқдоми варзишгари шинохта намунаи ватандӯстӣ ва ҳавасмандсозии ҷомеа барои саҳмгузорӣ дар бунёди ин нерӯгоҳи азим арзёбӣ мешавад. Зеро НБО “Роғун” яке аз муҳимтарин иншооти энергетикии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар таъмини истиқлоли энергетикии кишвар нақши калидӣ дорад.

Солҳои охир шахрвандон, соҳибкорон ва шахсиятҳои маъруфи кишвар барои пешрафти сохтмони ин нерӯгоҳ саҳмгузорӣ мекунанд.

САРИ САБЗ



Исфандиёри САЪДУЛЛО,
сардори Хадамоти алоқа

- Имрӯз масъалаи дастрасӣ ба интернет омили муҳими рушди ичтимоию иқтисодӣ, таъмини баробарии имконият мебошад. Мо талош дорем, ки фазои рақамии мамлакатро ба муҳити бехатар, устувор ва дастрас барои ҳар шаҳрванд табдил диҳем.

- Албатта, тасмими заруриву саривақтӣ аст. Аммо чаро ҳоло ҳам бисёриҳо аз сатҳи хизматрасонии баъзе провайдерҳо шикоят мекунанд? Магар провайдерҳо аз имконияти баробар бархӯрдор нестанд?



Зафар САЙИДЗОДА,
доктори илмҳои таърих

- Беш аз 80 дарсади китобхонаҳо компютер надоранд ё таҷҳизоти онҳо корношоям аст. Танҳо бархе аз китобхонаҳои шаҳри Душанбе ва марказҳои вилоятӣ ба шабакаи “Интернет” пайваст мебошанд. Зиёда аз 90 дарсади китобхонаҳо дар шабакаҳои ичтимоӣ ҳузур надоранд...

- Тавре масъулон изҳор медоранд, дар самти рушди интернет талошҳо ба харҷ дода истодаанд, аммо китобдорон шояд аз чизе нигарон бошанд. Масалан, аз китоби чопиро мондаву ба интернет рӯ овардани хонанда...



Ғолиб ИСЛОМОВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Табиб ҷисми инсонро табобат мекунаду ҳунарпеша рӯҳро. Ман аз тақдир сипосгузорам, ки ин роҳро интихоб кардам ва барои табобати рӯҳи ҷомеа то қадри имкон талош намудам. Метавонам бигӯям, ки агар ҳунарпеша намешудам ҳам, дилхоҳ соҳаро сидқан меомӯхтам...

- Агар махфӣ набошад, метавонед бигӯед, ки кадом нақшҳоятон барои табобати рӯҳи инсон созгоранд? Зеро, ба назар чунин мерасад, ки ҳоло аз ҷисм дида, рӯҳ ба табобат бештар ниёз дорад.

СЕЛУ ОБХЕЗИҲО ДАР ТОҶИКИСТОН

талафоти ҷонӣ ва садҳо оилаи зарардида

ДАР РӮЗҲОИ ОХИРИ ҲАФТАИ ГУЗАШТА БОРОНҲОИ ПУРШИДДАТ ВА ОМАДАНИ СЕЛУ ОБХЕЗИҲО ДАР ЧАНД МИНТАҚАИ ТОҶИКИСТОН, АЗ ҶУМЛА ШАҲРҲОИ КӮЛОБ, ДУШАНБЕ, ПАНҶАКЕНТ ХИСОРОТИ ЗИЁД БА БОР ОВАРДАНД. БАР АСАРИ ИН ОФАТҲОИ ТАБИЙ ЧАНД НАФАР ҶОНИ ХУДРО АЗ ДАСТ ДОДАНД, ДАҲҲО МАНЗИЛ, РОҲУ ПУЛ ВА ЗАМИНҲОИ КИШОВАРЗӢ ОСЕБ ДИДАНД.







КУМАКИ ПРЕЗИДЕНТ

Бо дастури Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба сокинони осебдидаи шаҳри Кӯлоб кумакҳои башардӯстона расонида шуданд. Ба оилаҳои зарардида 230 тонна орд, 10 тонна шакар, 10 тонна макарон, 6,5 тонна биринҷ ва 650 ҳазор литр равғани растанӣ дастрас гардид. Ҳамчунин, барои муҳайё намудани шароити муваққатии зист 3 ошхонаи саҳроӣ, даҳҳо кату лавозимоти хоб, 350 хайма, 900 қолин ва беш аз ҳазор маҷмӯи либосу пойафзоли кӯдакона фиристода шуд.

Ҷиҳати барқарор сохтани инфрасохтор ва беҳтар намудани шароити зиндагии сокинон дастгоҳҳои таъминкунандаи об, садҳо метри мукааб тахта ва 60 тонна сӯзишвории дизелӣ интиқол дода шудааст. Инчунин, ба зарардидагон масолеҳи сохтмонӣ ва асбобу анҷоми рӯзгор тақдим гардид.

850 ОИЛА АЗ СЕЛ ЗАРАР ДИДАНД

Дар пайи боришоти шадид ва омадани сел дар шаҳри Кӯлоб 850 оила зарар диданд. Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода зимни ҷаласаи якуми ситоди ҷумҳуриявӣ оид ба бартарафсозии оқибатҳои селу обхезӣ дар шаҳри Кӯлоб ба масъулон дастур дод, ки аҳолии осебдида бо маводи сӯзишворӣ, оби нӯшокӣ ва нерӯи барқ сари вақт таъмин карда шаванд. Таъкид гардид, ки корҳои бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ бояд зудтар ва бо сифати баланд анҷом дода шаванд.

Айни замон комиссияи ҷумҳуриявӣ барои муайян намудани ҳаҷми пурраи хисорот ва барқарорсозии инфрасохтори осебдида фаъолият дорад. Корҳои поксозии маҳалҳои зарардида ва расонидани кумакҳои аввалия идома доранд.

Маврид ба таъкид аст, ки шоми 1-уми май дар шаҳри Кӯлоб сел омада, бар асари он се нафар ба ҳалокат расида, чанд тани дигар ҷароҳат бардоштанд.

ФУРӮРАВИИ ЗАМИН ДАР ЁВОН

Ба иттилои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Тоҷикистон, субҳи 3-юми май бар асари боронҳои шадид дар ҷамоати Ҳаёти Нави ноҳияи Ёвон замин фурӯ рафт. Дар натиҷа як манзили истиқоматӣ пурра вайрон шуда, анбори ангишти як муассисаи таълимӣ осеб дидааст. Ҳамчунин, 9 хонаи дигар ва як бунгоҳи тиббӣ зери хатари фурӯравӣ қарор доранд.





Дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ низ сел як қисми каналро рахна карда, бахше аз роҳро вайрон намудааст. Дар ин ноҳия чандин хона зери хатар қарор дошта, бархе сокинон ба ҷойҳои амн кӯчонида шудаанд.

Дар ноҳияи Панҷ бошад, сел ба заминҳои кишоварзӣ зарар расонидааст. Мақомот аз сокинон даъват мекунанд, ки дар чунин шароити обу ҳаво эҳтиёткор бошанд.

СЕЛ ДАР ПАНҶАКЕНТ

Дар пайи боришоти пуршиддати 3-юми май дар ҳудуди деҳоти Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент сел омад. Сойи селгузари канори деҳаи Навобод аз селоба пур шуда, ба роҳи мошингард, боғу токзор ва заминҳои кишт ворид гардид. Ин ҳодиса дар ҷаласаи фаврии ситоди ҳолатҳои фавқулода таҳти раёсати раиси шаҳр Абдухолиқ Холиқзода баррасӣ шуд. Бо андешидани чораҳои фаврӣ роҳи нақлиётӣ тоза гардида, ҳаракати воситаҳои нақлиёт барқарор карда шуд.

МАРГИ ЯК НАФАР АЗ РАЪДУ БАРҚ

3-юми май дар деҳаи Кадучии шаҳри Турсунзода бар асари раъду барқ як нафар ба ҳалокат расида, ду тани дигар ҷароҳат бардоштанд.

Ба иттилои Кумитаи ҳолатҳои фавқулода, дар пайи боришоти рӯзҳои охир дар ноҳияҳои Деваштич, Ашт, Спитамен, Хуҷанд ва Варзоб низ сел омада, ба заминҳои кишоварзӣ, хонаҳои истиқоматӣ, роҳҳо ва иншоот хисорот ворид кардааст. Дар деҳаҳои Далён ва Даҳкати ноҳияи Деваштич роҳу кӯчаҳо ва заминҳои наздиҳавлигӣ зери обу лой монда, 4 хона зарар дидааст.

Дар шаҳраки Шайдони ноҳияи Ашт ва чанд ҷамоати ноҳияи Спитамен низ роҳҳо, таҳҳонаҳо ва заминҳои кишт зери об мондаанд.

Ҳамчунин, рӯзи 3-юми май дар Сирдарё завраке бо 7 хонанда ва роҳбари синф, ки барои сайругашт рафта буданд, чаппа шудааст. Ба гуфтаи КҲФ, ҳамаи онҳо сари вақт наҷот дода шудаанд.

Дар маҳаллаи Шодоби ноҳияи Варзоб низ чанд манзили истиқоматӣ, таҳҳонаҳо ва роҳу гузаргоҳҳо зери об мондаанд.

Кумитаи ҳолатҳои фавқулода мегӯяд, ки корҳои бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ идома дошта, ҳаҷми пурраи зарар муайян карда мешавад.



КӮШИШИ ҒАСБИ ҚУДРАТ

Парванда алайҳи Қамчибек Тошиев

Қамчибек Тошиев, раиси пешини Кумитаи амнияти миллии Қирғизистон ба "кӯшиши ғасби қудрат" ва "сӯйистифода аз мақом" муттаҳам мешавад. Дар ин бора адвокат Икромидин Тошиев ба бахши қирғизии Радиои Озодӣ хабар додааст.

Бархеҳо оғози парвандаи ҷиноятӣ алайҳи Тошиевро ба номаи 75 чехраи маъруф рабт медиҳанд, ки хостори баргузории интихоби қаблазмуҳлати президентӣ шуда буданд.

Рӯзи 29-уми апрел худи Қамчибек Тошиев дар муроҷиатномае тасдиқ кард, ки алайҳи ӯ парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Тошиев дар ин муроҷиат ба бегуноҳии худ таъкид карда, гуфтааст, ки ба адолати додгоҳӣ бовар дорад.

Пештар хабар расида буд, ки рӯзи 28-уми апрел Қамчибек Тошиев, раҳбари собиқи КДАМ, Нурлан Тургунбек, раиси собиқи парлумон ва Курманқул Зулушев, собиқ Додситони кулли Қирғизистон аз ҷониби муфаттишони Вазорати корҳои дохилӣ бозпурсӣ шудаанд.

Дар бораи иттиҳоми раиси собиқи парлумон ва додситони пешини Қирғизистон хабари расмӣ дар даст нест. Вазорати корҳои дохилии Қирғизистон дар ин бора чизе нагуфтааст.

Қамчибек Тошиев аз чехраҳои таъсиргузор дар Қирғизистон ва дӯсти наздики Содир Ҷабборов, президенти ин кишвар буд, ки моҳи феврали имсол аз мақомаш барканор шуд.

БАРХӮРДИ ЯҲУДИЁН БО ЮЛДУЗ


Консерти Юлдуз Усмонова, ҳунарманди шинохтаи Ӯзбекистон, ки бояд рӯзи 9-уми май дар Ню-Йорки Амрико баргузор мешуд, бо даъвои ҷомеаи яҳудиёни бухорой бекор шудааст.



Ин ҳунарманд бояд дар театри "Oceana"-и минтақаи Бруклини Ню-Йорк ҳунарнамой мекард. Ҷомеаи яҳудиёни Бруклин Усмоновро "яҳудиситез" номида, гуфтаанд, ки ӯ соли 2021 аз мардуми Фаластин пуштибонӣ карда буд ва талаби бекор кардани консерти ӯро карданд.

Дар ҷавоб Юлдуз Усмонова як муроҷиати видеоиеро дар саҳифааш дар Instagram нашр кард ва гуфт, ки "узрхоҳӣ намекунад", "ӯ зидди хушунат аст" ва "Фаластин бояд озод бошад".

BBC



ШИКОЯТИ ФАВЗИЯ КӮФӢ АЗ ТОЛИБОН

Фавзия Кӯфӣ, узви Маҷлиси намояндагони пешини Афғонистон ва аз фаъолони ҳуқуқи ин кишвар мегӯяд, ки Толибон дар Афғонистон манзили шахсии ӯро ғасб карда, аъзои хонаводаашро боздошт намудаанд.

Хонум Кӯфӣ рӯзи 2-юми май дар баёнияе гуфтааст, ки Толибон се моҳ пеш манзили шахсии вайро ғасб кардаанд. Ба гуфтаи ӯ, аъзои хонавода ва бастагонаш ба маҳали дигаре кӯч баста буданд, аммо ҳафтаи гузашта Толибон бори дигар ҳамла карда ва шуморе аз онҳоро боздошт кардаанд. Кӯфӣ афзудааст, ки Толибон бархе бошандагони Бадахшонро, ки ҳатто хешутаборӣ бо ӯ надоштаанд, низ боздошт кардаанд. Кӯфӣ хотирнишон кардааст, ки бо вучуди ин, ба муборизаи худ алайҳи Толибон идома медиҳад. Толибон ҳанӯз вокуниш накардаанд.

DW Deutsche Welle

ТАВАҚҚУФИ «ТАРҲИ ОЗОДӢ»

Танишҳо шиддат мегиранд

РАИСҶУМҲУРИ ИЁЛОТИ МУТТАҲИДАИ АМРИКО ДОНАЛД ТРАМП ШОМИ 5-УМИ МАЙ ЭЪЛОН КАРД, КИ ИҶРОИ БАРНОМАИ МАЪРУФ БА "ТАРҲИ ОЗОДӢ", КИ ҲАДАФАШ БЕРУН ОВАРДАНИ КИШТИҲОИ БАНДМОНДАИ КИШВАРҲОИ БЕТАРАФ АЗ ТАНГАИ ҲУРМУЗ БУД, МУВАҚҚАТАН ҚАТЪ МЕГАРДАД.



Ба гуфтаи ӯ, ин қарор бо дарназардошти дархости як қатор кишварҳо, аз ҷумла Покистон гирифта шудааст, то фурсате барои арзёбии имкони расидан ба созиши ниҳоӣ фароҳам гардад. "Мехоҳем бубинем, ки оё тавофуқ имконпазир аст ё не",- навиштааст Трамп дар шабакаи X.

Иҷрои ин тарҳ рӯзи 4-уми май оғоз шуда, ҳамагӣ пас аз 48 соат боздошта шуд. Гарчанде Эрон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳанӯз 8-уми апрел оташбас эълон карда буданд, то ҳол ба созиши ниҳоӣ даст наёфтаанд.

Техрон, ки аз оғози низоъ амалан гузаргоҳи Ҳурмузро таҳти назорат қарор додааст, таъкид мекунад, ки барои баргашт ба музокирот Вашингтон бояд муҳосираи баҳриро бардорад. Амрико бошад, ин иқдомро посух ба амалҳои Эрон мешуморад.

Ҳамзамон бо оғози "Тарҳи озодӣ", вазъ дар атрофи ин гузаргоҳи муҳими ҷаҳонӣ боз ҳам печидатар гардид. Гузоришҳо аз ҳамлаҳои мушакӣ ва паҳподии эҳтимолии Эрон ба Амороти Муттаҳидаи Араб нашр шуданд.

Мақомоти Аморот хабар доданд, ки як маҷмааи нафтӣ дар Фуҷайра ҳадаф қарор гирифта, дар натиҷа сӯхтор ба амал омада ва чанд нафар осеб дидаанд. Аммо Техрон даст доштани худро дар ин ҳамлаҳо рад мекунад.

Дар ҳамин ҳол, Шаҳбоз Шариф, нахуствазири Покистон аз ҳарду ҷониб даъват кард, ки ба оташбас пойбанд бимонанд.

Изҳороти тунди сиёсии тарафҳо низ идома дорад. Трамп пештар хушдор дода буд, ки дар сурати ҳамла ба киштиҳои амрикоӣ, Эрон "аз рӯи замин маҳв хоҳад шуд".

Дар посух, вазири корҳои хориҷии Эрон Аббос Арақчӣ ин тарҳро "на озодӣ, балки бунбаст" номид ва таъкид кард, ки амнияти киштиронӣ бо иқдомҳои Амрико зери хатар қарор гирифтааст.

Тангаи Ҳурмуз яке аз муҳимтарин гузаргоҳҳои энержии ҷаҳон ба ҳисоб меравад, ки тақрибан чоряки нафти ҷаҳон аз ҳамин масир интиқол меёбад. Ҳар гуна нооромӣ дар ин минтақа метавонад ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва амнияти энержӣ таъсири ҷиддӣ расонад.

КОҲИШИ САФАРИ САЙЁҲОН БА ДУБАЙ

Дафтари расонаҳои Дубай рӯзи 4-уми май эълон кард, ки дар пайи ҳамлаҳои Эрон ба Амороти Муттаҳидаи Араб дар ҷараёни даргириҳо дар Ховари Миёна, шумораи мусофирони Фурудгоҳи байналмилалии Дубай дар моҳи март 66 дарсад коҳиш ёфта, ба 2,5 миллион нафар расидааст.



Ба гуфтаи мақомҳо, ин коҳиш натиҷаи халалдор шудани парвозҳо дар ҳарими ҳавоии минтақа ва маҳдуд шудани барномаи парвозҳо будааст.

Фурудгоҳи байналмилалии Дубай, ки аз сериздиҳомтарин фурудгоҳҳои ҷаҳон аст, дар ҷараёни ҷанги Амрико ва Исроил алайҳи Техрон чандин бор ҳадафи ҳамлаҳои паҳбодӣ ва мушакӣ қарор гирифт. Дар се моҳи нахусти соли 2026 низ равуои мусофирон аз ин фурудгоҳ 21 дарсад коҳиш ёфтааст.

МУШКИЛИ ИНТЕРНЕТ ҲАЛ МЕШАВАД?

Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қабули “Стратегияи рушди соҳаи алоқа барои давраи то соли 2040” хабар дод. Ба гуфтаи масъулон, татбиқи ин стратегия метавонад яке аз мушкилоти доимии ҷомеа - паст будани суръат ва гаронии интернетро тадриҷан ҳал намояд.



Яке аз меҳварҳои асосии стратегия навсозии куллии зерсохтори алоқа ва фароҳам овардани дастрасии васеъ ба интернети босуръат арзёбӣ мешавад. Дар доираи ин барнома ҷорӣ намудани фанноварихои муосир, аз ҷумла интернети 4G ва 5G, васеъ кардани шабакаҳои нахи нурӣ ва рушди алоқаи моҳворагӣ пешбинӣ шудааст. Ин тадбирҳо бояд на танҳо сифати хизматрасониро беҳтар созанд, балки заминаи рушди иқтисоди рақамиро низ таҳким бахшанд.

Тавре Хадамоти алоқа иттилоъ медиҳад, яке аз ҳадафҳои муҳими стратегия фарогирии пурраи аҳолӣ бо интернет мебошад. Махсусан таъкид мешавад, ки ҳатто дар маҳалҳои дурдасте, ки зиёда аз 700 сокин доранд, дастрасӣ ба интернети босифат таъмин хоҳад шуд. Ин иқдом ба коҳиши “нобаробарии рақамӣ” миёни шаҳру деҳот равона гардида, метавонад имкониятҳои нави таҳсил, тиҷорат ва хизматрасониро барои сокинони деҳот фароҳам оварад.

Масъалаи маблағгузорӣ дар стратегия ҷойгоҳи калидӣ дорад. Барои марҳилаи аввали татбиқи он, ки солҳои 2026-2030-ро дар бар мегирад, дар маҷмуъ 6,6 миллиард сомонӣ зарур дониста шудааст. Ҷолиб он аст, ки бори асосии ин сармоягузорӣ ба дӯши бахши хусусӣ гузошта мешавад: тақрибан 90 дарсади маблағ аз ҳисоби операторони алоқа ва ширкатҳои хусусӣ пешбинӣ шудааст. Ин нишон медиҳад, ки давлат бештар нақши ҳамоҳангсоз ва фароҳамоварандаи муҳити мусоидро ба зимма мегирад.

Аз навгониҳои муҳими дигар ҷорӣ намудани стандартҳои миллии сифати хизматрасонӣ (SLA) мебошад. Бар асоси ин меъёрҳо, операторони алоқа барои суръат, устуворӣ ва сифати интернет дар назди муштариён масъулияти бештар хоҳанд дошт. Ин тадбир, ба андешаи коршиносон, метавонад ба баланд шудани сатҳи рақобат дар бозор ва дар ниҳоят ба коҳиши нархи хизматрасониҳо мусоидат намояд.

Ҳадафи стратегии ниҳоӣ табдил додани Тоҷикистон ба як маркази рақамии транзитӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ мешавад. Яъне кишвар на танҳо истеъмолкунандаи хизматрасониҳои интернетӣ, балки як ҳалқаи муҳими интиқоли трафики байналмилалӣ хоҳад гардид. Ин, дар навбати худ, метавонад манбаи нави даромад ва рушди иқтисодӣ гардад.

Бино ба изҳороти роҳбарияти Хадамоти алоқа, то соли 2027 тамоми қаламрави кишвар бо шабакаи 4G фаро гирифта мешавад ва то соли 2030 гузариши пурра ба интернети 5G дар назар аст. Тибқи нақша, дар солҳои 2026-2030 дар 65 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ пойгоҳҳои насли 5G бо иштироки ширкатҳои мобилӣ насб хоҳанд шуд.

АЗ ИДОРА:

Дар бораи стратегияи мазкур мақолаи муфассали сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Исфандиёри Саъдуллоро дар сомонаи Pressa.tj мутолиа кунед.

МАҲДУДИЯТИ ҲАРАКАТИ НАҚЛИЁТИ БОРКАШ



Дар Тоҷикистон аз оғози фасли гармо маҳдудияти мавсимӣ барои ҳаракати нақлиёти гаронвазн ҷорӣ мегардад. Тибқи иттилои мақомот, ин тадбир бо ҳадафи ҳифзи роҳҳо аз фарсудашавии бармаҳал андешида шудааст.

Бино ба маълумоти Вазорати нақлиёт, маҳдудият аз 1-уми июн оғоз шуда, то 31-уми августи соли ҷорӣ амал мекунад. Дар ин давра, ҳангоми баланд шудани ҳарорати ҳаво аз 25 дараҷа, ҳаракати мошинҳое, ки вазнашон аз 6 тонна зиёд аст, дар соатҳои рӯзона - аз 10:00 то 19:00 маҳдуд карда мешавад.

Гуфта мешавад, ки маҳдудият дар роҳҳои байналмилалӣ ва магистралӣ, аз ҷумла:

Душанбе - Чаноқ

Душанбе - Турсунзода - сарҳади Ӯзбекистон

Душанбе - Қулма (самти Қароқурум, тавассути Кӯлоб ва Дарвоз)

Душанбе - Хоруғ - Мурғоб - Қулма

Душанбе - Бохтар - Панҷи Поён (сарҳади Афғонистон)

Душанбе - Кӯлоб

Ваҳдат - Рашт - Лахш - сарҳади Қирғизистон

ва роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ (вилоятӣ ва байнишаҳрӣ) дошта ҷорӣ мешавад.

Чунин маҳдудиятҳо ба хотири пешгирӣ аз осеб дидани қабати роҳҳо дар шароити гармии баланд роҳандозӣ мешаванд, зеро ҳарорати баланд метавонад ба сифати роҳҳо таъсири манфӣ расонад.

Дар баробари ин, барои баъзе навъи нақлиёт истисно пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, ин маҳдудият ба мошинҳое, ки мусофирон, кумаки башардӯстона, маҳсулоти зудвайроншаванда ва дигар борҳои махсусро интиқол медиҳанд, татбиқ намешавад.

Ба иттилои манбаъ, дар баъзе роҳҳое, ки дар рӯйхат зикр нашудаанд, маҳдудият метавонад нисбат ба нақлиёти аз 8 тонна боло низ татбиқ гардад.

Ёдовар мешавем, ки чунин маҳдудиятҳои мавсимӣ ҳар сол ҷорӣ шуда, як тадбири муқаррарӣ барои нигоҳдории инфрасохтори роҳҳои кишвар ба ҳисоб мераванд.

РЕЗААХБОР

Аз шаҳрдории Душанбе хабар доданд, ки 5-уми май Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба оғози корҳои сохтмонии маҷмааи биноҳои ШВКД №2 дар ноҳияи Фирдавсӣ, Муассисаи нақлиётии РВКД ва бинои шуъбаи БДА РВКД дар шаҳри Душанбе санги асос гузошт.

***

Ғолиби озмуни "Miss Dushanbe - 2026" дар номинатсияи "Мисс маҳбуби дилҳо" Сумая Рачабзода аз ҳисоби маблағи ҷоизаи худ, ки 100 000 сомониро ташкил медод, маводи озуқа, сарулибос ва дигар ҷиҳози заруории рӯзгор харидорӣ карда, ба зарардидагони офати табиӣ дар шаҳри Кӯлоб расонд.

***

“Тоҷикфилм” хабар медиҳад, ки филмномаи филми ҳунарӣ-таърихии «Фирдавсӣ» рӯйи кор оварда шуд. Филмнома бар асоси асари ҳамноми Сотим Улуғзода омода шуда, муаллифи он муовини якуми директори «Тоҷикфилм» Толиб Ғайбуллозода мебошад. Вале хабар дода нашудааст, ки филм аз рӯйи ин лоиҳа кай ба навор гирифта мешавад.

***

Дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус нахустин тарабхонаи тоҷикӣ бо номи «Умари Хайём» оғоз ба фаъолият намуд. Дар ин бора Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус хабар медиҳад. Гуфта мешавад, ки тарабхона ба мизоҷон таомҳои болаззати миллиро пешниҳод карда, фарҳанги тоҷиконро муаррифӣ мекунад.

***

Содироти алюминий ва маҳсулоти он аз Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли равон беш аз 63 млн долларро ташкил додааст. “Вазни маҳсулоти содиргардида қариби 20 ҳазор тонна мебошад”,- бармеояд аз додаҳои гумруки Тоҷикистон.

***

Тоҷикистон ва Корея нақшаи сохтмони метроро таҳия мекунанд. Рафти лоиҳаро муовини вазири нақлиёти Тоҷикистон Фаррух Неъматзода, муовини шаҳрдори Душанбе Раҳмиддин Саломзода ва роҳбарияти "Эксимбонк" дар мулоқоте дар Сеул баррасӣ кардаанд.

МАН БАЪДИ ҲАЗОР ЗАВОЛ МЕОЯМ БОЗ



Дар адабиёту фарҳанги ҳар халқу миллат чеҳраҳои тобноку пурҷило баъди якчанд садсолаҳо падид меоянд. Хушбахтона, дар адабиёти муосири тоҷик ин рисолати азалиро бархе аз адибони навовари навҷӯ бо диду шинохти махсус, истеъдоди фитриву модарзодии хеш ҷилои тобноке бахшидаанд.

Аз ҷумлаи ин абармардони таърихӣ шоири дардошнои миллат, устоди зиндаёд Лоиқ Шералӣ мебошад. Зиндагиву ҳастии ӯ саропо шеъру ғазалу тарона, рубоиву дубайтӣ ва марсияҳои пурсӯзу гудоз буда, дар рӯзҳои шодиву ғами мардум гуна-гуна ашъори дилангез суруда, ин рубоии маъруфаш маромномаи эҷодии ӯст:

Ман баъди ҳазор завол
меоям боз,
Чун мурғи хуҷастафол
меоям боз,
Гар баъди ҳазор сол маро
ёд кунед,
Аз баъди ҳазор сол меоям боз...

Боиси сарфарозӣ ва хурсандии мо дӯстдорони адабиёт аст, ки солҳои 70-уми садаи бист насли нави пуршӯре ба арсаи эҷод қадам ниҳоданд, ки пешгоми онҳо устод Лоиқ буду як инқилоби фикриеро дар ҷомеа ба вуҷуд овард. Ҳар шеъри нави ӯ шӯру валвалаи маҳшаре барпо мекард.

Он замон эҷодкор имкон надошт, ки аз чаҳорчӯбаи ҳизби ҳокими коммунист - мавзуҳои маъмули васфи партияи раҳнамо, пахта-пахта, ҷон пахта... берун барояд. Сухан аз гузаштагони барӯманд ва арзишҳои миллӣ гуфтан имкон надошт.

Аммо устод Лоиқ қолабҳоро шикаст ва:

Шеъри нав бархост
ҳамчун одами нав,
Ҳамчу тифли инқилоб
Бо саволу бо ҷавобу бо хитоб...

Ба ин бархӯрдҳо адабиёти “шаклан милливу мазмунан сотсиалистӣ” тоб наоварда, доираи фаъолияти ин қабил шоирон ҳамеша таҳти фишори сиёсати абарқудрат қарор дошт. Вале дастгоҳи ҳизби ҳоким пеши ин мавҷи пуртуғёнро нотавонист бигирад. Устод Лоиқ ба қавли “сари овози” ашъори Одамшуарро устод Рӯдакӣ, ғазалҳои пурошӯби Саъдиву Ҳофиз ва Хоҷа Камолро гирифту бо сабку ҳунари волои хеш онро сайқал дода, “Коррези Фирдавсӣ”, “Тақлиди Мавлавӣ”, “Ҷоми Хаём” ва пурсадотарин ҳамосаи ватандӯстонаи “Фарёди бефарёдрас” - ҳолномаи ҷанги шаҳрвандии Ватанро бо рӯҳияи пурсӯзу гудози хештаншиносӣ ба қалам дод. Сар то сари Тоҷикистон зери оташи тиру туфанги яроқдорон қарор дошт ва устод Лоиқ садо баланд кард:

Яроқмардон,
яроқи худ гузоред...

Ва дар ҳамосаи пурсӯзаш дар сарсухани китоби “Хуросон аст ин ҷо”-и аллома Муҳаммадҷон Шакурӣ гуфт:

Ҷон ба қурбони ту,
ай Меҳани хунинкафанам...

Ва аввалин таронаи таҳниятро пас аз ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, 27-уми июни соли 1997 низ устод Лоиқ суруд:

Раҳми парвардигори мо омад,
Нури Ҳақ бар диёри мо омад,
Ҷанги девонавори мо бигзашт,
Сулҳи деринтизори мо омад...


Ҳамин аст, ки устод Лоиқро мардуми тоҷик дӯст медоранд ва шоири дили хеш медонанд. Дар адабиёти муосири тоҷикиву форсӣ низ мақому манзалати устод дар пояи Нодири Нодирпур, Суҳроби Сипеҳрӣ ва Фурӯғи Фаррухзод қарор дорад.

Маҳмадмуроди САЙДАЛӢ,
омӯзгор, ш. Ваҳдат

ВОЛИДОН Ё ИНТЕРНЕТ

Кӯдакро кӣ бояд тарбия кунад?

ДАР ДАВРАИ НАВРАСӢ ҶАҲОНБИНӢ, САМТҲОИ АРЗИШӢ, ХУДШИНОСӢ, МАВҚЕИ ШАҲРВАНДӢ ВА ХИСЛАТҲОИ МАЪНАВӢ ВА АХЛОҚИИ ШАХС ФАЪОЛОНА ТАШАККУЛ МЕЁБАНД. ДАР ИН МАРҲИЛАИ РУШД БА ТАРБИЯИ ОНҲО ДИҚҚАТИ МАХСУС МЕБОЯД. БАХУСУС, ДАР ЗАМОНИ ҲОЗИР, КИ ИНТЕРНЕТ “МУАЛЛИМ”-И ФАРЗАНДОНИ МО ШУДААСТ...



Қабл аз ҳама, як чизро бояд хотиррасон кунем, ки дар марҳилаи имрӯзаи тараққиёти ҷомеа нақши интернет дар ташаккули ақидаи шаҳрванди оянда асосӣ мебошад. Дар ҷаҳони имрӯза масъалаҳои амниятӣ сол ба сол муҳимтар мешаванд, зеро зуҳуроти гуногуни экстремизм ва терроризм торафт бештар паҳн мешаванд ва ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва равонӣ осебпазирро ҷалб мекунанд.

Дар ин робита, равоншинос Азалия Зинатуллина ҷанбаҳои асосии муошират бо кӯдакеро, ки зери таъсири идеологияҳои экстремистӣ ва террористӣ қарор гирифтааст, таъкид мекунад ва мегӯяд: “Сафедкунии оммавии экстремизм, терроризм ва дигар фаъолияти ба онҳо монанд бештар тариқи интернет сурат мегирад”.

Ин суханон воқеияти имрӯзаро на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми ҷаҳон тасдиқ мекунанд. Масалан, дар Аврупо ва дигар кишварҳои ҷаҳони мутамаддин бо навбат истифодаи интернетро барои кӯдакон ва наврасон тариқи қонунҳои дохилии худ манъ карда истодаанд. Аз ҷумла, Австралия аввалин кишваре буд, ки ин иқдомро амалӣ намуд ва чунин корро сокинони он бо хушнудӣ қабул карданд.

Душманони миллати тоҷик, ки дар хориҷи кишвар амал мекунанд, низ бо ҳар роҳ мехоҳанд аз тариқи интернет бачагон ва наврасони тоҷикро ба ин бало мубтало кунанд. Мо бояд аз ҳоло садди роҳи онҳо шавем, ки эшон ба мақсадҳои нопоки худ нарасанд.

БАРОИ ИН ЧӢ БОЯД КАРД?

Ба ақидаи мо, одатан наврасоне, ки мушкилоти зерин доранд, “муаллими асосӣ”-и онҳо интернет мешавад:

- набудани эътимод ба худ;

- душвории назорат кардани эҳсосоти худ;

- хоҳиши пайваста ҷустуҷӯ кардани лаззати бе заҳмат.

Аломатҳои асосие, ки наврас зери таъсири идеологияи экстремистӣ ва террористӣ қарор гирифтааст, инҳоянд:

- калимаҳои нав дар нутқи кӯдакону наврасон, аз қабили “иншоаллоҳ”, “қасам ба номи Оллоҳ” ва ба ҳамин монанд беш-тар пайдо мешаванд;


- рафтори кӯдак ба таври манфӣ тағйир ёфтан мегирад, онҳо дағалтар мешаванд, ки то ин вақт хоси онҳо набуд;

- тағйироти куллӣ дар тарзи зиндагии онҳо пайдо мешавад. Масалан, волидон медонистанд, ки писарашон - хонандаи мактаби миёна одатҳои бад (авбоши, тамокукашӣ) дорад, аммо ногаҳон, бе ягон шарҳ, ӯ аз онҳо даст мекашад. Ё ин ки баръакс, кӯдак ҳамеша кӯшиш мекард, ки тарзи ҳаёти солимро нигоҳ дорад, аммо баъд, ногаҳон, одатҳои бад пайдо мекунад. Ба бозиҳои компютерие рӯ меорад, ки саҳнаҳои зӯроварио дар бар мегиранд. Дар ӯ шавқи зиёд ба санъатҳои ҳарбӣ, машқҳои ҷисмонӣ ва хоҳиши аз худ кардани силоҳҳои теғдор пайдо мешавад (ин маълумотро аз интернет меҷӯяд). Тағйирот дар тарзи либоспӯшии онҳо дида мешавад ва монанди инҳо.

Ин волидонро бояд водор кунад, ки ҳарчи зудтар аз пайи чораҳои қатъӣ шаванд. Қабл аз ҳама, онҳо истифода аз интернетро бояд барои фарзанди худ маҳдуд ва ё пурра манъ кунанд (ҳарчанд ин кор мушкил аст). Онҳо бояд ба писару духтарони худ тарзи ҳаёти озодонаро ҳамеша дар суҳбатҳои худ талқин намоянд ва онҳоеро, ки майли рӯ овардан ба мубаллиғони амалҳои экстремистӣ доранд, сари вақт аз кирдори номатлубашон огоҳ намуда, оқибати бади ин корашонро бо мисолҳои мушаххасу ҳаётӣ собит намоянд. Зеро, тавре тоҷикон мегӯянд, “фарзанд лой асту падару модар кулол”, ҳар чӣ онҳо аз ин лой созанд, ҳамон хоҳад шуд...

Шуҳрат АҲМАДЗОДА,
муовини директори мактаби миёнаи №65-и ш. Душанбе

«БОЗИҲОИ ҚИСМАТ» ЧӢ ПАЁМ ДОРАД?



Китоби нави Холиқназар Ҷумъазода, нависанда ва ҳаҷвнигори шинохта бо номи “Бозиҳои қисмат” нашр шуда ва дастраси аҳли адаб гардид. Он маҷмӯаи қиссаву ҳикояҳои дар солҳои 2006-2010 иншошударо фаро мегирад.

Ҷумъазода дар ин маҷмӯа бештар ба мавзуҳои доғи рӯз, аз ҷумла ҳаёти оилавӣ, муносибатҳои мураккаби зану шавҳар ва мушкилоти зиндагии ҳамсарон таваҷҷуҳ намудааст.

Дар қиссаҳои китоб фоҷиаҳои хонадорӣ ва талошҳои қаҳрамонон барои ҳифзи номи неку ободии хонадон бо маҳорати баланди бадеӣ инъикос ёфтаанд.

Холиқназар Ҷумъазода кӯшиш ба харҷ додааст, ки тавассути образони сохтааш ба хонанда роҳҳои беҳтари ҳалли масъалаҳои оиладорӣ, тарбияи дурусти фарзанд ва эҳтироми волидонро нишон диҳад.

Ёдовар мешавем, ки ин китоби панҷуми Холиқназар Ҷумъазода аст. Қаблан китобҳои “Парандаҳои муҳоҷир” (соли 2013), “Биё, ки фолат бинам” (соли 2021), “Ашкҳои зери борон” (соли 2022) ва “Хандасарой” (соли 2024)-яш ба дасти хонандагон расида буд. Китоби ҳаҷвии “Биё, ки фолат бинам”-и ӯ соли 2021 “Китоби сол” эълон шудааст.

ФЕСТИВАЛИ «САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



1-уми майи соли 2026 бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ ва шарикони рушд дар шаҳри Душанбе фестивали "Саводнокии молиявӣ" гузаронида шуд.

Қисмати якуми фестивали "Саводнокии молиявӣ" дар толори Муассисаи давлатии "Мактаби бачагонаи санъати ба номи Одина Ҳошим" ифтитоҳ гардид.

Раиси Бонки миллӣ Фирдавс Толибзода зимни суханронӣ зикр намуд, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ яке аз омилҳои калидии рушди низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти устувори он ва таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба низоми молиявӣ мебошад. Ҳадаф аз баргузории фестивали мазкур васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ мебошад.

Зикр гардид, ки аз соли 2022 то имрӯз дар 31 шаҳру ноҳияи кишвар бо фарогирии зиёда аз 72 ҳазор нафар фестивалҳои «Саводнокии молиявӣ» гузаронида шудааст. Дар баробари ин, аз соли 2023 то имрӯз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар саросари кишвар зиёда аз 5,6 ҳазор чорабиниҳои маърифатӣ бо иштироки беш аз 330 ҳазор нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олӣ, кормандони корхонаву ташкилотҳои давлатӣ ва хусусӣ, занон ва муҳоҷирони меҳнатӣ доир гардидааст. Илова бар ин, платформаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла сомонаи fingram.tj ва саҳифаҳои махсус дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол гардида, барои баланд бардоштани дониши молиявии аҳолӣ мунтазам маводи омӯзишӣ пешниҳод карда мешавад.

Муовини раиси шаҳри Душанбе Меҳриддин Тоҳирзода зимни суханронӣ таваҷҷуҳи иштирокдорони ҳамоишро ба зарурати омӯзиши дониши молиявӣ ва аҳамияти маърифати молиявӣ дар замони муосир ҷалб намуд. Қайд гардид, ки баргузории чунин ҳамоишҳо барои омӯзиши таҷриба, табодули андеша, шиносоӣ бо маҳсулоти нави туллоев дар мавзуҳои "Дастрасӣ ба қарзҳо барои рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳо", "Дастгирии давлатии рушди соҳибкории занон", "Қарзҳои сабз" ва "Пешгирии амалҳои қаллобӣ" бо рӯнамоҳо суханронӣ намуданд.

Дар доираи барномаи фестивали "Саводнокии молиявӣ" инчунин маросими ҷоизасупории озмуни «Беҳтарин ташкилоти қарзии молиявӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои ғайрибонкӣ ба бонувони соҳибкор» баргузор гардид. Зикр шуд, ки озмуни мазкур ба дастгирии соҳибкории занон, тарғиби хизматрасониҳои молиявӣ байни субъектҳои хоҷагидор, аҳолӣ ва махсусан бонувони соҳибкор, беҳтар намудани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ мусоидат мекунад. Дар озмуни мазкур ҶСП "Бонки "Арванд" сазовори ҷойи якум, ҶДММ ТАҚҲ "ФИНКА" соҳиби ҷойи дуюм, КВД БСС "Саноатсодиротбонк" ва ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" сазовори ҷойи 3-юм гардиданд.



Қисмати дуюми фестивал дар боғи «Кӯруши Кабир» давоми рӯз бо намоиш ва ярмаркаи хизматрасониҳои молиявӣ ва суғуртавӣ идома ёфта, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба иштирокдорони фестивал молу маҳсулоту хизматрасониҳои худро муаррифӣ намуданд.

Дар қисмати ҷамъбастии фестивал барномаҳои фарҳангиву фароғатӣ, викторинаҳои молиявӣ бо иштироки сарояндаҳои шинохтаи санъати тоҷик фазои идонаи чорабиниро ғанӣ ва хотирмон гардониданд.



МУЛОҚОТИ РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО ҲАЙАТИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР

1-уми майи соли 2026 дар мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор таҳти роҳбарии ҷаноби Мэттю Гертнер ҷонибҳо вобаста ба вазъи кунунӣ ва дурнамои иқтисодиёти кишвар, тадбирҳои сиёсати пулию қарзӣ, таъмини суботи молиявӣ, рушди бозори асъор ва захираҳои байналмилалӣ, инчунин самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои минбаъдаи Бонки миллии Тоҷикистон бо ХБА мубодилаи афкор намуданд.

Таъкид гардид, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои беруна ва номуайяниҳои иқтисоди ҷаҳонӣ, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбати рушдро нишон дошта, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар сатҳи устувор қарор доранд. Қайд карда шуд, ки ислоҳоти Бонки миллии Тоҷикистон дар самти таҳкими низоми молиявӣ ба баланд гардидани эътимоди шарикони байналмилалӣ ва беҳтар шудани рейтингҳои байналмилалии иқтисодиёти кишвар мусоидат намудааст.

Дар мулоқот инчунин ба масъалаҳои таҳкими сиёсати пулию қарзӣ, рушди механизмҳои таъмини суботи молиявӣ, такмили низоми танзиму назорат ва тақвияти фарогирии молиявӣ таваҷҷуҳ карда шуд. Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо омодагии худро ҷиҳати идомаи ҳамкориҳои судманд дар доираи барномаҳои техникию машваратии Хазинаи Байналмилалии Асъор изҳор намуданд.



БАРРАСИИ ҲАМКОРӢ БО ҲАЙАТИ ШАРИКОН АЗ КОНФЕДЕРАТСИЯИ ШВЕЙТСАРИЯ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати намояндагони Котиботи давлатии Швейтсария оид ба масъалаҳои иқтисодӣ (SECO), Агентии Швейтсария оид ба рушд ва ҳамкорӣ ва Дафтари ҳамкориҳои Швейтсария дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот намуд.

Дар оғози вохӯрӣ ҷонибҳо сатҳи баланди ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейтсарияро аз ҷумла дар доираи электорати Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ қайд намуданд. Таъкид гардид, ки ҳамкориҳои мазкур барои пешбурди ислоҳот ва рушди муколамаи созанда байни кишварҳо мусоидат менамояд. Ҳамзамон, роҳбари ҳайати SECO Пиетро Лаззери нишондиҳандаҳои мусбати бахши бонкии Тоҷикистонро баланд арзёбӣ намуда, Бонки миллии Тоҷикистонро бо натичаҳои назаррас, аз ҷумла хориҷ гардидани ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯйхати таҳримҳо дар муҳлати кӯтоҳ, табрик намуд. Таъкид гардид, ки чунин пешрафт ҳамчун нишонаи мусбат барои сармоягузорони байналмилалӣ хизмат мекунад.

Дар навбати худ, раиси Бонки миллии Тоҷикистон зикр намуд, ки ислоҳоти пайгирона дар бахши молиявӣ, аз ҷумла дар самти такмили низоми танзим ва назорат, рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ба таҳкими устувории низоми бонкӣ мусоидат намуда, саҳми назарраси SECO дар татбиқи лоиҳаҳо дар самтҳои зикргардида қайд гардид.

Ҷонибҳо инчунин масъалаҳои ҳамкорӣ дар доираи лоиҳаҳои муштарак, аз ҷумла такмили низоми назорати бонкӣ, рушди инфрасохтори пардохтӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявиро мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар идомаи мулоқот ҷонибҳо инчунин имкониятҳои густариши ҳамкориҳоро дар самтҳои нав баррасӣ намуданд. Аз ҷумла, пешниҳод гардид, ки ҳамкорӣ дар самти рушди механизмҳои ҳамкории фаромарзӣ байни бонкҳои марказӣ ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар бахши молиявӣ тақвият дода шавад. Дар анҷоми мулоқот ҷонибҳо ҷиҳати идома ва рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар самтҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак изҳори ҳавасмандӣ намуданд.

Шуъбаи матбуоти БМТ



Асари маъруфи Сабзаалӣ Шариф - "Аз давра ба давра" дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

САБЗААЛӢ, САБЗИ МУНАВВАР ГАРДӢ!

9-УМИ МАЙ, ДАР БАРОБАРИ РӮЗИ ҒАЛАБА, ЗОДРӮЗИ ДӮСТ, ҲАМНАФАС ВА ҲАМҚАДАМИ ЭҶОДИИ МАН - САБЗААЛӢ МУРОДЗОДАИ ШАРИФ АСТ. Ӯ БА КАМОЛОТИ 80 МЕРАСАД. ИН РАҚАМ ЗОҲИР АСТ. ВАЛЕ, АГАР БА БОТИНИ Ӯ, БА АСАРҲОЯШ НИГАРӢ, ҲАМОНО ӮРО ҶАВОН ДАРМЕЁБӢ.



Сабзаалӣ Шариф бо Толибхон Шаҳидӣ

Мо ҳар ду аз фазои фарҳангии Душанбе баҳра бурда, ба камоли эҷодӣ расидем. Душанбе дар вуҷуди мо ҳисси муҳаббат ба Ватан, ба санъатро бедор намуд: ман бо садо, ӯ бо ранг. Аммо дар асл, мо ҳамеша як забон доштем...

Сабзаалӣ аз зумраи рассомонест, ки нусхабардорӣ намекунад, ӯ ҳолат мекашад, инсонро чунон мебинад, ки ҳатто шояд худаш хештанро он гуна дида натавонад. Дар ҳар портреташ на танҳо симо, балки ботин зиндагӣ мекунад.

Рӯзе ӯ портрети маро кашид. Мегӯянд, ки он дар "Хонаи кино" аст. Ҳар боре, ки ба нусхаи дар телефон будаи он менигарам, ҳамон лаҳза ба ёдам меояд: гӯё замон як дам бозистода бошад. Он барои ман хотира аст, гуфтугӯ миёни ду эҷодкор, ки бидуни ҳарфе сурат гирифт.

Дар он акс мо ду нафарем, аммо дар миёнаамон асаре истодааст, ки аз ҳардуямон бештар сухан мегӯяд. Дасти дарозкардаи ману пазируфтани ӯ нишонаи эътимод аст. Гӯё бе ягон калима мегӯем: «Ман туро мефаҳмам».

Портрете, ки ӯ офарид, барои ман оина шуд. Ман дар он на танҳо худ, балки он ҳолатеро дидам, ки солҳо дар мусиқӣ мечустам: хомӯшии пурмаъно. Он хомӯшие, ки дар дохили ҳар оҳанг зиндагӣ мекунад. Сабзаалӣ онро дид ва ба ранг табдил дод.

Бисёр вақт фикр мекардам: оё мусиқиро метавон тасвир кард? Ва ҷавобро дар кори Сабзаалӣ ёфтам.

Ӯ мусиқиро намекашад, онро мешунавад, яклухт мебинад ва баъд ба риштаи тасвир меорад. Гӯё садо дар фикри ӯ ба ранг табдил меёбад, оҳанг шакл мегирад ва эҳсос ба рӯйи коғаз менишинад.

Сабзаалӣ аз он насли нодири эҷодкорон аст, ки миёни ду замон қарор дошт: миёни анъана ва ҷустуҷӯ, миёни гузашта ва имрӯз. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба осонӣ қонеъ намешавад. Ҳар кори ӯ савол аст. Ва ҳар саволи ӯ роҳ ба сӯйи қуллаҳои эҷодӣ.

Имрӯз, вақте ба 80 мерасад, ман дар ӯ пириро намебинам. Ман дар ӯ ба худ фурӯ рафтану дарёфтани хештанро мебинам. Зеро эҷодкор пир намешавад, ӯ фақат наздиктар мешавад ба он чизе, ки тамоми умр меҷуст.

Сабзаалӣ, дӯстам, он портрете, ки ту офаридӣ, танҳо хотира нест. Он як лаҳзаи зинда аст, лаҳзае, ки дар он ранг ва садо ба ҳам расиданд.

Ва шояд ҳамин аст маънои ҳақиқии дӯстӣ: вақте диле бо ранг мегӯяд он чиро, ки дили дигар бо садо эҳсос мекунад.

Ҷуз ин дуот нагӯям,
ки Рӯдакӣ гуфта:
«Ҳазор сол бизӣ,
сад ҳазор сол бизӣ!».

Дӯстат,
Толибхон ШАҲИДӢ



ҚАҲРАМОНОНИ ЗИНДАИ ТАЪРИХ

Саргузашти 8 иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Тоҷикистон

Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ танҳо як бархӯрди низомӣ набуд, он як имтиҳони сарнавиштсоз, як санҷиши ирода ва як мактаби бузурги инсонсозӣ буд. Барои Тоҷикистон ин ҷанг маънои аз даст додани даҳҳо ҳазор фарзандонашро дошт, аммо ҳамзамон, он насли қаҳрамононеро ба миён овард, ки номи худро дар таърих бо ҳарфи заррин сабт карданд. Имрӯз, вақте ки аз он рӯзҳои мудҳиш беш аз ҳашт даҳсола гузаштааст, ҳамагӣ 8 нафаре боқӣ мондаанд, ки он воқеаҳоро на аз китоб, балки аз хотираҳои худ медонанд.

Сафаралӣ ФАЙЗАЛИЕВ
Тав.:09.05.1923, шаҳри Бохтар



САРБОЗЕ, КИ ДУ МАРОТИБА МАРГРО ФИРЕБ ДОД

Сафаралӣ Файзалиев на танҳо аз рӯйи синну сол, балки аз рӯйи таҷрибаи зиндагӣ низ яке аз сутунҳои зиндаи таърих аст. Ӯ дар муҳите ба воя расидааст, ки меҳнат ва масъулият барвақт ба дӯши ҷавонон гузошта мешуд. Номбурда соли 1923 дар деҳаи Хосами ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Дар синни 18-солагӣ ба сафи Артиши Шуравӣ даъват мешавад.

Соли 1944 ба ҷабҳа сафарбар шуда, дар ҳайати полки Байрақи Сурхдори 229, ки ба фронти Украина шомил буд, хизмат кардааст. Дар муҳорибаҳои озодкунии шаҳрҳои Курск, Воронеж, Киев ва дигар маънотиқи ишғолшудаи Иттиҳоди Шуравӣ иштирок намуда, ҷасорату мардонагии худро нишон додааст.

Сафаралӣ Файзалиев дар майдони ҷанг ду маротиба мачруҳ шуда, баъд аз сиҳатёбӣ ҳамчун мачруҳи гурӯҳи дуюм дар аэродроми ҳарбии шаҳри Қазони Тотористон хизматро идома дода, хабари Ғалабаро низ дар он ҷо шунидааст. Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон, ӯ фаъолияташро дар соҳаи хоҷагии қишлоқ идома додааст.

Имрӯзҳо Сафаралӣ Файзалиев дар иҳотаи фарзандону наберагон давлати пирӣ меронад.

Машраб ДАВЛАТОВ
Тав.:20.06.1926, ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ



ҶАНГОВАРЕ ДАР ДУ ҶАБҲА

Ҳаёти Машраб Давлатов нишон медиҳад, ки ҷанг барои баъзеҳо ҳатто пас аз соли 1945 анҷом наёфта буд. Ӯ на танҳо дар фронти асосӣ бар зидди фашизм ҷангидааст ва дар озодкунии Венгрия қаҳрамонӣ нишон додааст, балки баъдан 4 соли дигар дар мубориза бар зидди гурӯҳҳои мусаллаҳи дохилӣ низ иштирок кардааст. Ин давра яке аз мураккабтарин марҳилаҳои таърих буд. Ҷанговарони мисли Давлатов мачбур буданд, ки на танҳо душмани хориҷӣ, балки нооромии дохилиро низ бартараф кунанд.

Аммо паҳлуи ҷолиби зиндагии ӯ - на танҳо ҷанг, балки сулҳ аст. Соҳиби 11 фарзанд ва зиёда аз 200 набераю абера будан худ як навъ пирӯзии дигар аст. Ин нишон медиҳад, ки ҳаёт, бо вуҷуди ҳама сахтиҳо, идома дорад.

Яҳё МИРЗОЕВ
Тав.: 23.08.1925, ноҳияи Ховалинг



ТАҶРИБАИ ҶАНГӢ

Яҳё Мирзоев нисбатан барвақт ба Ватан баргаштааст, аммо ин маънои онро надорад, ки саҳми ӯ камтар аст. Фронти 2-юми Украина яке аз самтҳои калидии ҷанг буд.

Зери фармондеҳии яке аз машҳуртарин генералҳо - Рокосовский хизмат кардан худ як таҷрибаи бузург аст. Соли 1944 ба Ватан баргаштааст. Дар назди мардуми Ховалинг чун дигар фарзандони шуҷои Ватан обрӯю эътибори зиёдеро соҳиб аст.

Нозим НОСИРОВ
Тав.: 05.10.1924, ноҳияи Девештич



КӮДАКЕ, КИ ЗУД БУЗУРГ ШУД

Қиссаи Нозим Носиров бисёр таъсирбахш аст. Ба ҷанг рафтан дар синни 15-солагӣ маънои аз даст додани кӯдакӣ ва ворид шудан ба ҷаҳони сахти калонсолонро дорад.

Вазифаи пулемётчӣ яке аз хатарноктаринҳо буд. Ин маъноеро дошт, ки ӯ ҳамеша дар маркази оташ қарор дошт. Ҷангидан то Финландия, Олмон ва ҳатто Ҷопон далели шуҷоату ҷавонмардии ӯст. Ду маротиба дар майдони ҷанг захмӣ шуда, ба Ватан баргаштааст.

Бибола РӮЗИМАТОВ
Тав.: 07.11.1925, ноҳияи Девештич



ШОҲИДИ ҒАЛАБА

Бибола Рӯзиматов аз чумлаи он сарбозонест, ки то рӯзи охир ҷангиданд ва Ғалабаро дар Берлин пешвоз гирифтанд.

Аз 16 нафар ҳамдеҳагонаш танҳо 4 нафар зинда баргаштаанд, ки яке худи ӯ буд. Қиссаи ӯ на танҳо дар бораи ҷанг, балки дар бораи хотира аст. Вақте ӯ имрӯз вазъи баъзе кишварҳоро мебинад ва хабари ҷангро мешунавад, он рӯзҳои даҳшатборро ба ёд меорад. Ин нишон медиҳад, ки ҷанг барои собиқадорон ҳеҷ гоҳ пурра анҷом намеёбад, он дар хотираҳо боқӣ мемонад.

Гулмурод ТАҒОЕВ
Тав.: 01.05.1924, ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ



АЗ ВАЙРОНИИ ҶАНГ ТО СОЗАНДАГӢ

Гулмурод Тағоев аз он наслест, ки байни ду дунё зиндагӣ кардааст: ҷаҳони вайронии ҷанг ва ҷаҳони созандагии баъди он.

Муҳорибаҳои Курск, ки ӯ дар он иштирок кардааст, яке аз калонтарин задухӯрдҳои танкӣ дар таърих маҳсуб мешавад. Ширкат дар чунин ҷанг маънои рӯ ба рӯ шудан бо марг дар ҳар сонияро дошт.

Аммо муҳимтар аз ҳама фаъолияти баъдиҷангии ӯст. Тағоев на танҳо як собиқадор, балки як созанда буд. Таъсиси хоҷагии деҳқонӣ ва муваффақият дар пахтакорӣ нишон медиҳад, ки ӯ нерӯи худро аз коркорӣ ба созандагӣ равона кардааст.

Ҳабиб САФАРОВ
Тав.: 25.01.1926, ноҳияи Ҷайҳун



САРБОЗЕ, КИ ОМӮЗГОР ШУД

Соли 1943 ба муҳофизати Ватан зидди Германияи фашистӣ даъват шудааст. Дар округи ҳарбии Урали шаҳри Кунгур, полки тирандозии 226, таҳти сарфармондеҳии Маршал Табухин хизматро оғоз карда, дар озод намудани Руминия корнамоӣ нишон додааст ва бо як ордену 6 медал мукофонида шудааст.

Баъди анҷоми ҷанг ба Ватан баргашта, ба меҳнати озод машғул мешавад.

Ҳамчун колхозчиву сардори бригада кор карда, корҳои ҳарбӣ-ватандӯстиро дар байни ҷавонон мунтазам пеш мебарад.

Бозор НАҒЗИБЕКОВ
Тав.: 15.11.1926, сокини ноҳияи Сино



НАМУНАИ ВАТАНДОРӢ ВА ФИДОКОРӢ

Ӯ солҳои 1944-1947 дар Артиши Шуравӣ адои хизмат намудааст. Соли 1941 вақте ҷанг оғоз мегардад, аз шаҳри Душанбе як гурӯҳ мутахассисон барои омода намудани коргарон барои фабрикаву заводҳо ба шаҳри Хоруғ мераванд ва баъди омӯзиш ӯро бо гурӯҳе аз ҳамсолонаш ба шаҳри Сталинобод (Душанбе) меоранд. Баъд аз омӯзиши курси коргарӣ ва хатми мактаб дар комбинати нассоҷӣ ба кор мепардозад. Соли 1943 ӯро ба колхози ба номи Максим Горкийи ноҳияи Тавилдара, собиқ вилояти Ғарм мефиристанд. Соли 1944 ба фронт даъват мешавад. Аввал дар Оренбург, чаҳор сол дар Владивасток, Варашиловск ва Иркутск хизмат намуда, соли 1947 ба Ватан баргаштааст. Баъди бозгашт ба Ватан Бозор Нағзибеков фаъолияти ҳизбии худро идома дод ва дар чандин мақомҳои роҳбарӣ фаъолият кард. Ҳоло ӯ дар ҳалқаи 5 фарзанд, 16 набера ва 17 абера давлати пирӣ меронад.

ҚИСМИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛИИ НОҲИЯИ ҲАМАДОНӢ СИФАТНОК ИҶРО МЕШАВАД

БАХШИ МОЛИЯ СОҲАИ МУҲИМИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ БУДА, БА ФАЪОЛИЯТИ ИНСТИТУТҲОИ МОЛИЯВӢ АЛОҚАМАНД АСТ. ТАВРЕ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ГУФТААНД: «ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ОҚИЛОНА ВА УСТУВОРИ МОЛИЯВӢ ДАР ТАМОМИ ДАВРУ ЗАМОН ОМИЛИ АСОСИИ СУБОТИ ДАВЛАТ МЕБОШАД». РАЁСАТИ ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НОҲИЯИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ БАҲРИ ДАР АМАЛ ТАТБИҚ НАМУДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ МОЛИЯВИИ КИШВАР ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 КОРҲОИ ЗИЁДРО БА АНҶОМ РАСОНИДААСТ.



Қадамшоҳ Расулзода, сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ

Сардори Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Қадамшоҳ Расулзода мегӯяд, ки дар робита ба рушди соҳаи иқтисодӣ иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои воридот дар сатҳи 106 фоиз таъмин гардида, ҳаҷми воридоти маблағҳо 17725557 сомониро ташкил додааст. Воридот нисбати нақшаи тасдиқшуда 1006035 сомонӣ зиёд мебошад.

Тавре зикр гардид, тибқи нақшаи чорабиниҳои Раёсати молияи ноҳия чиҳати саривақт пардохт намудани музди меҳнат ва баланд бардоштани вазъи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ ва дигар кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ дар давраи ҳисоботӣ чиҳати иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии ноҳия, аз ҷумла пардохти музди меҳнат 36608419 сомонӣ, маблағҷудокуниҳо ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ 9042690 сомонӣ ё ин ки 100 фоизи саҳми буҷетро ташкил намуда, қарздорӣ аз рӯйи он вуҷуд надорад.

Дар ин раванд, мувофиқи ҳисоботи нозироти андоз бақияпулиҳои андоз ба ҳолати 1-уми апрели соли 2026-ум 12468912 сомониро ташкил дода, нисбати 1-уми январи соли 2026-ум 88547 сомонӣ кам шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ иҷрои нақшаи андозҳо ба ҳолати 1-уми апрели соли 2026 сифатнок иҷро гардида, маблағи 17725557 сомонии воридгардида нисбати соли гузашта 4343252 зиёд мебошад.
Аз ҷумла:

- *Андоз аз даромад 6711663 сомонӣ ворид гардида, ё ин ки 103,6 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2025-ум 1786799 сомонӣ зиёд мебошад.*

- *Андоз аз фоида 2264124 сомонӣ ворид гардида, 102,9 фоизро ташкил дода, нисбати соли гузашта 637907 сомонӣ зиёд мебошад.*

- *Андоз аз молу мулки ғайриманқул 3442370 сомонӣ ворид гардида, 106,2 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2025-ум 731492 сомонӣ зиёд мебошад.*

- *Андоз аз арзиши иловашуда 1110129 сомонӣ ворид гардида, ё ин ки 105,1 фоизро ташкил дода, нисбати соли гузашта 294837 сомонӣ зиёд мебошад.*

- *Андоз аз системаи содакардашуда 2948257 сомонӣ ворид гардида, 106,2 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2025-ум 421914 сомонӣ зиёд ворид гардидааст.*

- *Андоз барои захираҳои табиӣ 586341 сомонӣ ворид гардида, ё ин ки 124,6 фоизро ташкил дода, нисбати соли гузашта 209826 сомонӣ зиёд мебошад.*

- *Боҷи давлатӣ 565507 сомонӣ ворид гардида, ё ин ки 138,7 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2025-ум 239780 сомонӣ зиёд мебошад.*

Тавре Қадамшоҳ Расулзода иттилоъ дод, дигар даромадҳои ғайриандозӣ 97166 сомонӣ ворид гардидааст.

Инчунин, воридоти маблағҳо аз буҷети ҷумҳурӣ (ёрии молиявӣ) ва ҳиссаҷудокуниҳо аз буҷети вилоят 33654000 сомониро ташкил додааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 100 фоиз ҷудо гардида ва нисбати соли гузашта 8768032 сомонӣ зиёд ворид шудааст.

Нақшаи андози иҷтимоии буҷетӣ 9190000 сомониро ташкил намуда, иҷроиши он 9487272 сомонӣ ё ин ки 103,2 фоиз аст.

Дар баробари ин, хароҷоти маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёти ноҳия 51766597 сомониро ташкил дода, нисбати соли гузашта 13639097 сомонӣ зиёд мебошад.

Аз ҳисоби фонди захиравии раиси ноҳия 143430 сомонӣ, аз ҷумла ба соҳаи мақомоти роҳбарикунанда 129500 сомонӣ ва хароҷоти дигар 13930 сомонӣ маблағ равона шудааст. Аз ҳисоби бақияи озоди буҷети маҳаллӣ маблағ равона нагардидааст.

Гуфта шуд, ки ба ҳолати 1-уми январи соли 2026 қарздории қувваи барқ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия 785927 сомониро ташкил дода, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2026 аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ барои пардохти хизматрасонии коммуналӣ (қувваи барқ) 221000 сомонӣ маблағ пардохт гардидааст.

Инчунин, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2026 қарздории истифодаи қувваи барқ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия 564927 сомониро ташкил медиҳад.

Қадамшоҳ Расулзода мегӯяд, ки оид ба иҷроиши буҷети маҳаллӣ дар асоси нақшаи кории тасдиқшудаи Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия ҳисоботҳо сари вақт ба ҳукумати маҳаллӣ ва Сарраёсати молияи вилоят пешниҳод карда шудаанд.

- Дар асоси дастурамалҳои амалкунандаи Вазорати молия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба назорати доимӣ барои истифодабарии мақсадноки маблағҳои буҷетӣ Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳисоботҳоро аз ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ сари вақт талаб намуда, ҳар моҳ ба мақомоти болоӣ ҳисоботҳо пешниҳод шудааст. Раёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар якҷоягӣ бо нозироти андози ноҳия нақшаи чорабиниҳо тартиб дода, дар семоҳаи дуюми соли 2026 қисми даромади буҷети маҳаллиро сифатнок иҷро намуда, бо ин мақсад пардохти саривақтии музди меҳнат, ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди ҳифзи иҷтимоӣ ва қарздориҳоро дар назди буҷет ба иҷро мерасонад,- афзуд ӯ.

Машраби АЛОВИДДИН



МЕХАНИЗМҲОИ НЕЙРОПСИХОЛОГӢ

ва таъсири таблиғоти ифротӣ ба шуур

Механизмҳои нейропсихологӣ ва таъсири таблиғоти ифротӣ ба шуури инсон дар доираи таҳқиқоти физиологияи олии асаб ва нейробиология ҳамчун равандҳои мураккаби ҳамкории ангезаҳои беруна бо системаҳои танзимкунандаи дохилии майна баррасӣ мешаванд.

Радикализатсияро наметавон танҳо бо омилҳои иҷтимоӣ ё сиёсӣ тавзеҳ дод, зеро ҳар як паёми иттилоотӣ дар сатҳи нейронӣ коркард гардида, ба тағйироти функсионалӣ ва баъзан сохторӣ дар майна оварда мерасонад. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши пояҳои биологӣ ва нейрофизиологии таъсири таблиғоти ифротӣ барои дарки амиқи ин падида аҳамияти илмӣ дорад. Дар шароити таъсири такрории иттилооти эҳсосбарангез, пеш аз ҳама системаи лимбикӣ фаъол мегардад. Бодомак ҳамчун тарс, таҳдид вокуниши фавриро таъмин менамояд. Вақте ки шахс паёмҳои дорои мазмуни таҳрикдиҳандаи эҳсосиро қабул мекунад, бодомак сигналҳоро ба гипоталамус ва асоси майна интиқол медиҳад, ки дар натиҷа системаи симпатикӣ фаъол мешавад. Баландшавии сатҳи адреналин ва кортизол ба ҳолати омодабоши физиологӣ оварда, эҳсоси хатарро шиддат мебахшад. Ин ҳолат ба коҳиши фаъолияти таҳлилӣ мусоидат мекунад, зеро организм бештар ба вокуниши фаврӣ равона мегардад, на ба арзёбии муфассали вазъият.

Дар баробари фаъолшавии марказҳои эҳсосӣ, пастшавии фаъолияти қишри пешонӣ мушоҳида мешавад. Ин минтақаи майна барои худназоратӣ, банақшагирӣ, арзёбии оқибатҳои рафтор ва танзими эҳсосот масъул мебошад. Натиҷа ин аст, ки шахс қарорҳоро бештар дар асоси эҳсосоти шадид қабул мекунад. Таблиғоти ифротӣ маҳз аз ҳамин механизми физиологӣ истифода бурда, паёмҳои худро бо унсурҳои тарс, таҳдид ва эҳсоси беадолатӣ ғанӣ месозад.


Агар шахс муддати тӯлонӣ дар муҳити иттилоотии яктарафа қарор дошта бошад, пайвастагиҳои марбут ба ҳамон чаҳонбинӣ тақвият ёфта, ба шакли қолабҳои устувори фикрӣ табдил меёбанд.

Стрессҳои музмин таъсири таблиғоти тундравро тақвият медиҳанд. Ҳангоми муддати дароз баланд будани сатҳи кортизол фаъолияти гиппокамп ва қишри пешонӣ коҳиш меёбад. Ин тағйирот қобилияти таҳлили интиқодӣ ва муқоисаи далелҳоро заиф месозад. Шахс дар чунин ҳолат бештар ба паёмҳои сода, қатъӣ ва эҳсосбарангез такя мекунад. Аз ин рӯ, муҳитҳои иҷтимоии дорои фишори равонӣ метавонанд осебпазирии нейропсихологиро зиёд намоянд. Бояд зикр кард, ки таъсири таблиғоти ифротӣ ба хусусиятҳои инфиродӣ вобаста аст. Дар давраи наврасӣ ва ҷавонӣ, ки равандҳои миелинизатсия ва ташаккули ниҳоии қишри пешонӣ идома доранд, назорати импулсҳо ҳанӯз комил нест. Ин омил метавонад ҳассосиятро ба ангезаҳои гурӯҳӣ ва эҳсосӣ зиёд намояд. Илова бар ин, шахсоне, ки дорои сатҳи баланди изтироб ё хусусиятҳои импулсивӣ мебошанд, метавонанд ба таъсири чунин паёмҳо бештар майл дошта бошанд.

Коҳиши гуногунандешӣ ва маҳдуд шудани манбаъҳои иттилоотӣ боиси фаъолшавии механизми тасдиқи эътиқод мегардад. Дар сатҳи нейрон ин раванд бо мустаҳкамшавии пайвастагиҳои мавҷуда ва сустшавии шабакаҳои алтернативӣ алоқаманд аст. Майна ба сарфаи нерӯ майл дорад ва роҳи маъмули фикриро афзал медонад. Аз ин рӯ, агар шахс пайваста танҳо як навъи иттилоотро қабул намояд, тафаккури яксамта ташаккул меёбад. Аз нуқтаи назари физиология, пешгирии таъсири манфии таблиғоти ифротӣ ба таҳкими фаъолияти когнитивӣ ва рушди танзими эҳсосот вобаста аст. Машқҳои зеҳнӣ, гуногунандешии иттилоотӣ, рушди саводи расонавӣ ва дастгирии равонӣ метавонанд мувозинати байни марказҳои эҳсосӣ ва қишри пешониро барқарор намоянд. Паст намудани сатҳи стресс, ташаккули муҳити иҷтимоии устувор ва таҳкими робитаҳои солими байниҳамдигарӣ низ аҳамияти муҳим доранд. Ҳамин тавр, дарки механизмҳои нейропсихологӣ имкон медиҳад, ки радикализатсия ҳамчун раванд на танҳо иҷтимоӣ, балки биологӣ ва функсионалӣ арзёбӣ гардида, роҳҳои илмии пешгирии он таҳия карда шаванд.

Абдуҷалил Собиров,
Даврон Ахмедов,
устодони факултети биологияи ДМТ







IRS - ШИРКАТИ КОРОФАРИН

РОҲҲО МУСОФИРОНРО БА МАНЗИЛ МЕРАСОНАНД. РОҲҲОЕ, КИ ДАР ПАЙКАРИ КӮҲҲО ПЕЧИДА, РӮДУ ДАШТУ ДАМАНҲОРО УБУР КАРДА, ДЕҲАҲОВУ ШАҲРҲОРО БА ҲАМ ПАЙВАНД МЕСОЗАНД.

Ҷодаҳо ҳамон шоҳрагҳои хунгарди сайёраи Заминанд, ки вучудашон амри ҳаётист. Аммо барои Тоҷикистони саросар кӯҳсор, ки дорои пайраҳаву бузраҳаи бешуморест, замоне фикри сохтани шоҳроҳҳо ба хобу хаёл мемонд. Синаи кӯҳҳоро шикофтан, сахраву харсангҳоро бардоштан ва роҳ бунёд кардан мисли афсонаи Фарҳоди кӯҳкан ба гӯш мерасид. Аммо дар 35 соли ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ афсона ба ҳақиқат мубаддал шуд. Шоҳроҳҳо дар пайкари кӯҳсангҳо печидаву тавассути нақбҳову водиҳо гузашта, чор сӯйи Тоҷикистонро ба ҳам оварданд.

Роҳи Душанбе-Чаноқ аз он ҷумла аст, ки замоне мушкилгузару хатарнок буд ва имрӯз шоҳроҳест, ки тамоми фасли сол маркази ҷумҳуриро ба шимоли кишвар пайванд месозад. Ин роҳ дар даврони истиқлол бозсозӣ ва бисёр қитъаҳояш аз нав сохта шуд. 16 сол қабл ба хотири дар чор фасли сол дар ҳоли хуб нигоҳ доштани роҳ, тибқи шартномаи консессионӣ нигоҳдории шоҳроҳи автомобилгарди Душанбе - Чаноқ ба зиммаи филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор шуд.

Кӯҳистон табиати хоси худро дорад. Кӯҳҳои сарбаланду саркаш, рӯдхонаҳои пуртуғён ҳамеша хатаре эҷод мекунанд. Гоҳе ягон қитъаи роҳро сел хароб мекунад, гоҳи дигар дар натиҷаи лағшиши кӯҳпорае роҳ банд мешавад, ҳамчунин дар натиҷаи фурӯ рафтани замин ҷода аз кор мебарояд. Дар мавсими тармафароӣ мушкили зиёд эҷод мегардад. Бартараф кардани ҳамаи ин, пешгирӣ кардани хатарҳо ва таъмин намудани ҳаракати нақлиёт дар чор фасли сол кори осон нест.

Мавқеи ҷойгиршавии роҳи Душанбе - Чаноқ нигоҳубини бистучаҳорсоатаро тақозо месозад. Каме беэътиноӣ ба кори роҳ метавонад мушкил болои мушкил эҷод кунад ва бехатарии нақлиёту мусофиронро зери суол барад. Аз ин рӯ, коргарони IRS дар чор фасли сол соате бекор наменомонанд. Онҳо тирамоҳу зимистон мунтазам ба тоза кардани барфу бартараф сохтани тармаҳо машғуланд. Баҳору тобистон бошад, ба таҷдиду таъмири роҳ, бартараф сохтани паёмади бориши борону омадани сел, соҳилмустаҳкамкунӣ ва лағшиши кӯҳпораҳо машғул мегарданд.

Роҳи Душанбе - Чаноқ масирест, ки ҳамеша бо офатҳои табиӣ рӯ ба рӯ мегардад. Мубориза бурдан бо ин офатҳо ва бартараф кардани зарари онҳо қувваи кориву харочоти зиёдро талаб менамояд.

Кӯҳистон қонунҳои нонавиштаи худро дорад. Роҳе, ки аз бағали кӯҳҳои азим мегузарад, ба қонуни кӯҳистон тобеъ мегардад, барфу борон, тармаву лағжиши кӯҳпораҳо ва селҳои пуртуғёнро таҳаммул месозад. Агар роҳро ба ихтиёри кӯҳ диҳӣ, дар як муддати кӯтоҳ онро вайрону валангор менамояд. Ширкати IRS ба муқобили қонунҳои нонавиштаи табиат беамон мубориза намебарад, балки харобиҳои овардаи онро бартараф сохта, роҳро сабурона таъмиру таҷдид мекунад. Дар шароити кӯҳистон барои роҳ маводи зиддилағжиш ниҳоят муҳим аст. Истифодаи ин мавод барои ҳифзи саломатии мусофирону нақлиёт амри зарурист.

Барои анҷом додани ҳаҷми азими корҳое, ки зикр шуд, ниёз ба техникаву технологияи навин аст. Ширкати IRS дорои пойгоҳи пурқуввати техникӣ буда, техникаву механизмҳои он ба 242 адад расид. Аммо ин шумораи ниҳоӣ нест. Барои кори босифат ва дар ҳолати хуб нигоҳ доштани роҳ ширкат дар оянда низ техникаву технологияҳои навтаринро харидорӣ менамояд.

IRS ширкати корофарин аст. Соли 2009 кормандони филиали он ҳамагӣ 24 нафар буданд. Имрӯз коргарони ширкат дар ин масири ҳаётан муҳим ба 872 нафар расидааст. Таъкид кардани ин нукта низ муҳим аст, ки айни ҳол бо шарофати мавҷудияти ширкат дар масири Душанбе - Чаноқ зиёда аз 5000 нафар манбаи даромад доранд ва чархи осиёби зиндагиашонро ба гардиш меоранд.

Кор кардан, ҷойеро обод намудан, дасти мадад ба дигарон дароз сохтан ба гуфтан осон аст. Барои расидан ба ҳадаф, ба зиндагии осудаву ширинтар мубориза бояд бурд. Дар ин гуна талошҳо кормандони филиали Ширкати IRS ҳамеша пешсафанд. Онҳо барои имрӯзу фардои беҳтар кору зиндагӣ мекунанд.

ВОРИС,
шоир ва журналист

ФИШОРБАЛАНДӢ

7 омили асосии гирифторшавӣ



ИРСИЯТ

Гипертония хусусияти ирсӣ дорад, агар волидайн ё ду се нафар аз наздикон гирифтори бемории фишорбаландӣ бошанд, эҳтимоли ба ин беморӣ гирифтор шудан меафзояд.

Чӣ бояд кард?

Кӯшиш кунед, ки мунтазам аз фишори хуни худ бохабар бошед. Дар ҳолати боло рафтани фишор саривақт ба табибон муроҷиат намоед.

ҶИНСИЯТ

Мардон нисбат ба занон бештар ба бемории фишорбаландии шараёнӣ гирифтор мешаванд. Гап сари он аст, ки гормонҳои ҷинсии мард боиси баландшавии фишори шараён мегардад, хусусан дар синну соли 35-50-солагӣ. Пас аз 50-солагӣ бо мурури замон мизони гирифторшавӣ ба фишорбаландӣ байни марду зан баробар мегардад.

Чӣ бояд кард?

Дар синни 35-40-солагӣ ба саломатӣ ва истеъмоли ғизо диққати махсус додан лозим аст. Ба занон тавсия дода мешавад, ки ба эндокринолог муроҷиат намуда, дар ҳолати зарурӣ бо тавсияи мутахассисон маҳсулоти ивазкунандаи гормон истеъмол намоянд.

КАМҲАРАКАТӢ

Хатари гирифтор шудан ба бемории фишорбаландии шараёнӣ дар шахсоне, ки тарзи ҳаёти камҳаракатро пеш мебаранд, то 20-50 фоиз бештар аст. Машқҳои мунтазами варзишӣ ба фаъолшавии рагҳои хунгузар, камшавии вазни зиёдатӣ ва қанд дар таркиби хун мусоидат мекунанд.

Чӣ бояд кард?

Ҳамарӯза ба фаъолияти чисмонӣ машғул гардида, сайругашт кунед. Ҳангоми ба варзиш машғул шудан машқҳоеро бояд интихоб намуд, ки узвҳои нафаскаширо фаъол мегардонанд, аз ҷумла шиноварӣ, велосипедронӣ ва дигар машқҳо. Машқҳо бояд то 30 дақиқа давом карда, оҳиста-оҳиста зиёд карда шаванд.

ЗИЁДШАВИИ НАТРИЙ (намаки ошӣ дар ғизо)

Зиёд истеъмол намудани намак ба организм, бахусус рагҳои хунгузар осеб мерасонад. Бино ба андешаи мутахассисон, хӯрдани намак ба майнаи одамони гарммичоз зарар дорад, чашмро хира мегардонад, боиси пайдошавии хориш дар бадан мегардад.

Натрий хлор бо баланд гардидани фишори хун вобастагӣ дорад. Зиёд гардидани миқдори натрий хлор дар таркиби хун боиси пайдошавии дард дар дил, мағзи сар ва рагҳо мегардад. Ин барои зиёд шудани фишори хун сабаб мешавад.

Дар манбаъҳо зикр шудааст, ки истеъмоли зиёди намак ба фаъолияти гурдаҳо низ таъсири манфӣ дорад. Дар натиҷаи вайроншавии фаъолияти гурда бадан варам карда, аз рагҳо хуни бештар мегузарад ва ин барои пайдошавии бемории фишорбаландӣ (гипертония) сабаб мегардад.

Чӣ бояд кард?

Миқдори муътадили истеъмоли намак дар як рӯз 5 грамм муайян шудааст. Дар хотир бояд дошт, ки бисёр маҳсулот, аз қабили ҳасиб, панир, консерваҳо ва ғайра дар таркибашон намаки зиёд доранд. Онҳоро бояд ба маҳсулоти полезӣ иваз кард.

АСАБОНИЯТ ВА ФИШОРИ РӮҲӢ

Гармонҳои асаб, яъне адреналин дили инсонро мачбур месозанд, ки бештар фаъолият намояд. Дар натиҷа хун аз миқдори лозима дида бештар кашида мешавад. Агар ҳолати асабонияти инсон дер давом кунад, сабаби харобшавии рагҳои хунгузар мегардад.

Чӣ бояд кард?

Эҳсосоти худро идора намуда, ба ҳодисаи рухдода бо назари мусбат нигаред. Касоне, ки дар як ҳафта 41 соат машғули фаъолияти корӣ ҳастанд, хавфи гирифторшавӣ ба фишорбаландӣ дар онҳо то 5 фоиз зиёд мешавад. Бояд ҳар як шахс ҳолати рӯҳии худро идора карда, дуруст нафас кашад. Нафас баровардан аз нафас кашидан бояд дарозтар бошад. Ҳангоми нафас кашидан шиками худро ба пеш бароварда, ҳангоми нафасро берун кардан шикамро ба дарун мекашем. Чунин тарзи нафаскашӣ ҳолати гардиши хуни шуш ва дилро муътадил мегардонад ва рӯҳафтодагиро бартараф менамояд.

ФАРБЕҲӢ

Дар шахсони вазнашон аз меъёр зиёд гардиши равған дар организм вайрон шуда, рагҳо хусусияти чандирии худро гум мекунанд. Дар одамони фарбеҳ хавфи гирифтор шудан ба бемории фишорбаландӣ 6 фоиз зиёд буда, исбот шудааст, ки ҳар 500 грамм вазни зиёдатӣ фишори шараёнро то 1 фоиз зиёд мекунад.

Чӣ бояд кард?

Кӯшиш кунед, ки вазни зиёдатӣ нагиред. Ба обутоби бадан машғул шудан лозим аст. Хӯроки серғизоро камтар истеъмол намуда, парҳез кардан ба манфиат мебошад. Дар як рӯз ҳангоми субҳ 20-25 фоиз, нисфирӯзӣ 60 фоиз, дар шом 15-20 фоиз хӯрок истеъмол намудан кофист. Аз истеъмоли равғани растанӣ, ҳасиб, сметана ва мохӣ худдорӣ намуда, бештар меваю сабзавоти тару тоза хӯред.

МАШРУБОТИ СПИРТӢ ВА СИГОР

Ҳамарӯза нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ ва кашидани тамоку ба саломатӣ зарар дорад. Дар шахсони сигоркаш ҳамчунин норасоии ҳавои оксиген дар мағзи сар мушоҳида мегардад.

Чӣ бояд кард?

Дар ҳолати боло рафтани фишори хун бояд нӯшидани нӯшокии спиртӣ зери назорат гирифта шавад. Аз сигоркашӣ даст кашидан лозим, зеро ҳамаи намудҳои сигор ба саломатӣ хатар эҷод мекунанд.

Хулоса, шахсони ба бемории фишорбаландии шараёнӣ гирифтор бояд зери назорати табибон қарор дошта бошанд ва мунтазам аз дорухои тавсиянамудаи мутахассисон истифода баранд.

Бояд гуфт, ки баланд шудани фишори хун аз мавсим ва боду ҳаво низ вобастагии зиёд дорад, бинобар ин, ҳамарӯза ба фаъолияти чисмонӣ машғул шуда, кам-кам сайругашт кардан ва ҳангоми варзиш истифода аз машқҳое, ки узвҳои нафаскашироро фаъол мекунанд, аз манфиат холӣ нест.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Дар ҳафтаи нав барои беҳтар сохтани саломатии худ кӯшиш намоед. Айни замон тамоми намуди табобат бар нафъи шумо хоҳад буд. Бояд масунияти худро мустаҳкам намоед, то ки аз бемориҳои мавсимӣ эмин бошед.



Саратон
22.06 - 23.07

Дар ҳафтаи нав саратонҳо бештар дар муошират қарор мегиранд. Бо нафарони нав шинос шуда, навигариву ахбороти зиёди муфид ба даст меоред. Аз харидани туҳфа барои дӯстдоштаатон худдорӣ намоед, ба гумон аст, ки табъи дили ӯ чизеро ба даст оварда тавонед.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафтаи нав ситораҳо ба нафарони дар моҳи мизон таваллудёфта маслиҳат медиҳанд, ки зиндагии орому осоиштаро пеш баранд. Кореро пешакӣ ба нақша нагиреду дарҳол аз пайи ичрояш нагардед. Зиндагиро ба мисоли мачрои дарё орому таскинбахш идома дихед.



Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ҷаддиҳо дар ҳафтаи нав майли сайру саёҳат мекунанд. Кӯшиш намоед ҳаёти худро рангу накҳати тоза бахшида, фазои идона ороед. Барои ҷаддиҳои ошиқ ҳафтаи бобарор аст, як нигоҳи шумо кифоя аст, ки ба дунёи ошиқон ворид гардед.



Савр
21.04 - 21.05

Барои саврҳо давраи нашъунамои муносибатҳои ошиқона, истироҳат ва дилхушиҳо фаро мерасад. Хуб мебуд, ки ин ҳафтаро ба истироҳат бубахшед. Барои дӯстдоштаатон армуғони хушеро омода намуда, хотирашро болида гардонед.



Асад
23.07 - 22.08

Ҳафтаи нав барои асадҳо мушкили ҳаллу фасли масъалаҳои пулӣ пеш меояд. Азбаски шумо шахсияти боғайрат ҳастед, тамоми ҳафта на танҳо аз пайи рафъи мушкилоти молиявӣ мешавед, балки барои дигар корҳо низ вақт меёбед.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои ақрабҳо ҳафтаи хубе барои банизомдарории нофаҳмиҳои бо дӯстон ва наздикон рухдода фаро мерасад. Агар шумо аз хунукназарии ҳамсафари ҳаётӣ ё шахси дӯстдоштаатон азият мекашида бошед, ба мушкилӣ дигаргуна назар кунед.



Далв
21.01 - 19.02

Қисмати зиёди вақти далвҳо барои ҳалли масъалаҳои пулӣ сарф мегардад. Нимаи аввали ҳафта диққати бештари худро ба муносибатҳо бо дигарон равона намоед. Дар ҳалли корҳои муҳим ба ҳамкорон такя намоед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи нав барои ҷавзоҳо ба шарте мусоид меояд, ки шароити хонаву дарашон хуб бошад. Айни замон бо аҳли байту хешовандони наздик дами хуш гузаронидан мехоҳед. Агар бо нафаре аз онҳо гапатон гурехта бошад, вақти оштӣ шуданатон фаро расидааст.




Сунбула
23.08 - 22.09

Ҳафтаи бобарор аст, агар ягон иллати модарзодӣ надошта бошед, дигар ягон беморӣ ба шумо асар намекунад. Хатари ҷароҳат бардоштан дар ин рӯзҳо зиёд аст, дар роҳ ва кор бо оташ ҳушёр бошеду аз ҳайвоноти калон худро дур гиред.



Қавс
25.11 - 21.12

Азбаски қавсҳо нафарони бесаранҷоманд, ҳафтаи нав имкони ислоҳ намудани вазъият пеш меояд. Дар аввал афзалиятҳои шахсии худро дуруст ҷойгузорӣ намоед. Муайян намоед, ки барои шумо чӣ аз ҳама муҳимтар аст. Охири ҳафта худатон аз натиҷаи коратон дар ҳайрат мемонед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Барои ҳутҳое, ки ин ҳафта издивоҷ мекунанд, аёми мусоид аст. Агар оиладор бошед, дар муносибатҳои шумо рангу бӯйи тоза пайдо мешавад. Барои шахси дӯстдоштаатон лаҳзаи хотирмон ташкил намуда, дилашро шод гардонед, он гоҳ муносибатҳоятон хубтар мегарданд.

ШИМУ КОСТЮМ АЗ БАРАКАТИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА



ДАР ШУМОРАИ ГУЗАШТАИ ҲАФТАНОМИ “ТОҶИКИСТОН” ХОТИРАҲОИ БОБО ТЎЙЧИЗОДАРО (АЗ ИСФАРА) АЗ ЧОР ДИДОРАШ БО УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА ХОНДАМУ БА ЁДАМ ЯК ВОҚЕАИ ҶОЛИБЕ РАСИД. БАНДА ҲАМ ЯК ХОТИРА АЗ ИН ШОИРИ БУЗУРГ ДОРАМ, КИ ОНРО БА ШУМО НАҚЛ МЕКУНАМ.

Соли 1961 дар ноҳияи Ҷиргатол (Лахш) дар шуъбаи алоқа ҳамчун телефонист кор мекардам. Тарзи кори мо дар комутатори саду даҳрақама чунин буд: мизоҷонро дар дохили ноҳия бо хости худашон ба ҳамдигар пайваст менамудем ва пас аз гуфтугӯ чароғак равшан мешуду онҳоро ҷудо мекардем; барои ба дигар ноҳия ё ба Сталинобод (Душанбе) пайваст шудан мо ба Тоҷикобод занг мезадем, агар линия банд набошад, Тоҷикобод моро ба ноҳияи Ғарм пайваст мекард, Ғарм ба Сталинобод ва АТС-и Сталинобод ба ҷойи даркорӣ. Ана мо ба ҳамин усул муштариҳоро ба ҳам васл мекардем.

Ҳамон соли 1961 ҳукумати ҷумҳурӣ 50-солагии устод Мирзо Турсунзодаро ба тайёрии хуб пешвоз мегирифт. Мо - телефонистони Ҷиргатол, Тоҷикобод ва Ғарм бо ҳам маслиҳат карда, аз имконияти кориамон истифода бурда, пас аз рӯзи корӣ, ки линия сабуктар мешуд, устодро бо мавлудашон табрик карданӣ будем. Зеро ӯро бисёр дӯст медоштем. Чеҳраи гармаш ҳам ботабассум, сулҳпарварона, базеби қавӣ буд. Мо ҳамроҳи ӯ дар аробаи Ҳасан то Ҳиндустон, Африқо, аз Ганг то Кремл рафта омада, мехостем рӯзномафурӯши далер бошем...

Хулоса, бо усули дар боло зикршуда ба устод занг задем. Маслиҳат шуда буд, ки суханҳои табрикиро Саидэҳсони тоҷикободӣ мегуфт ва моро муаррифӣ мекард.

Гӯшаки телефонро худи устод бардошта, гуфтанд:

- Лаббай, шуморо гӯш мекунам.

Мо ҳамаамон дар ҳаяҷон будем, Саидэҳсони нотиқ бошад, тамоман гунг шуда буд. Дигар ин ки, он замон, мо ҷавонони шуравӣ на ҳама маънои “лаббай”-ро медонистем.

Устод боз такрор карданд:

- Шуморо гӯш мекунам.

Мо, ки аз имкониятҳои худ истифода бурда, бо канали «ВЧ правительственная» - яъне алоқаи баландсифати ҳукуматӣ ба хонаи устод пайваст шуда будем, садои ҷамъомади дӯстонро мешунидем. Устод як-ду бори дигар “ало, ало” гуфтанду ба назарам гӯшаки телефонро монданӣ шуданд. Ман ғайрат карда, гуфтам:

- Муаллим (он вақт ба бузургон чунин мурочиат мекардем. Фақат Садриддин Айниро устод мегуфтанду устод Рӯдакиро), мо шуморо табрик кардан мехостем. Аммо аз ҳаяҷон ҳама суханҳоямонро гум кардем.

Устод бо завқ хандида, гуфтанд:

- Бисёр ташаккури самимӣ, сонӣ худро муаррифӣ кунед.

- Мо коркунони алоқаи ноҳияи Ҷиргатол, Тоҷикоботу Ғарм мебошем,- гуфтам ман.

Камтар садо пасттар шуду овози устод омад. Маълум, ки ба мехмонҳо мурочиат кард.

- Витя, твои каратегинские нас всех поздравляют. Спасибо тебе,- гуфту дигарбора ба мо мурочиат кард:

- Ин табрики шумо бисёр ҳам маро хушнуд кард. Ба қаротегиниҳо саломи маро расонед.

Пас аз ин, ришати суханро духтари ғармӣ - телефонисткаи райони Ғарм гирифта, бо суханони содаи лаҳҷавии худамон аз сидқи дил устодро табрик гуфт. Таъкид кард, ки устод Мирзо Турсунзодаро на танҳо дар Осиёву Африқо, балки дар баландтарин қуллаҳои кӯҳистони тоҷик низ дӯст медоранд.

- Фарзандонам, табрики беғаразонаи шумо дар мағзи дилам ҷо шуд. Ин барои ман ифтихори бузург аст. Табрики ҳамаатон қабул, махсусан, паёми шумо хонуми раштӣ.

Он вақт мо аз шодӣ сарамон ба осмон расида буд. Фикр ҳам накардем, ки Витя, ки устод дар байн бо ӯ суҳбат кард, кисту хонуми раштиаш чист. Баъдан, маълум шуд, ки Витя - вазири алоқаи Тоҷикистон, яъне вазири мо - Виктор Антонович Сайко будаасту ба қарибӣ фаҳмидем, ки мо раштӣ будаем...

Ҳамон сол дар раймаг (мағозаи марказии ноҳия) як шиму костюми чену маъқул омада буд, ки 46 рубл буд. Ман 52 рубл моҳона мегирифтам (як қопчаи орди 70 кг 18 сум буд). Он замон ин чизҳо камёфт буд. Бинобар ин, гоҳ-гоҳ хабар мегирифтам, ки касе онро нагирифта бошад.

Дар давраи Шуравӣ 1-уми май Иди байналхалқии меҳнаткашон бошукӯҳ ҷашн гирифта мешуд ва 2-3 рӯзи истироҳатӣ буд. Ҳамон соли 1961-ум 1-уми май рӯзи душанбе будааст. Рӯзи 4-уми май сардори мо акаи Ислом, ки пеш прокурори ноҳия буд, бо ҳамон ҷиготҳои дохтагии прокурориаш маҷлис даъват кард. Аз ҳар бахш 30-35 кас иштирок доштем. Пас аз саршавии маҷлис пурсид:

- Шаби якуму дуюми май кӣ навбатдор буд?

Мо хестем. Боз пурсид:

- Дар комутатор кӣ буд?

- Ман,- гуфтам.

- Дигарҳо шинед,- амр кард сардор.

Ман ташвиш шудам, ки ягон камбудӣ шудааст дар вақти кор.

- Ту кори дигар надорӣ, ки ба Мирзо Турсунзода занг мезанӣ?,- пурсид бо ҳамон ҷиддият.

Ман чизе гуфтанӣ шудам, ки дигар ба ман диққат надоду ба сармуҳосиб мурочиат карда, гуфт:

- Шумо, Екатерина Ивановна, маблағи як моҳона...

Ман зиқ шудам, ки маоши маро мезананду шиму костюм аз даст рафт, вале сардор ба суханаш идома дод:


- Як моҳона ба ин кас мукофот нависед.

Сармуҳосиб баҳона пеш оварданӣ шуд, ки акаи Ислом гуфт:

- Сам приказал,- ва бо ангушташ ба боло ишора кард. Яъне вазир Сайко дастур дода буд.

Ҳамон рӯз ба ман 52 сум доданд. Рост рафта аз Универмаг шиму костюмро бо вешалкаҳояш (он замон он ҳам камчин буд) гирифта, дар 6 суми боқимонда барои коргарзанон шоколад гирифта, хурсандона омадам. Ва он либосро чанд сол, аз баракати як суҳбат бо устод Мирзо Турсунзода пӯшидам.

Иброҳимов Давлат
Шокири Ясмандӣ,
сокини 85-солаи ноҳияи Рашт



Ӯ ПАЁМИ МИЛЛАТИ ОЗОДА БУД

Хушхабари тоза ин аст, ки китоби пажӯҳишии банда бо номи “Ӯ паёми миллати озода буд” ё ”Ошёни баланди Мирзо Турсунзода” бо ташаббуси нашриёти “Адиб” ва дастгирии Вазорати фарҳанги кишвар аз чоп баромадаву рӯзи 5 май дар Конфронси бахшида ба 115, солагии устод Турсунзода дар толори ба номи Мирзо Турсунзодаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон рӯнамо шуд.

Камол Насрулло, Шоири халқии Тоҷикистон

МАВЛУДНОМА

7 МАЙ

Юлдош Валибеков (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Талбак Пиров (1936-2002), 90-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

8 МАЙ

Акбар Ашӯров (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Ҳидоятулло Тӯйчизода (1951-2015), 75-солагии зодрӯзи журналист.

9 МАЙ

Шоҳмурод Менглиев (1941-2015), 85-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор.

Раънои Мубориз (1966), 60-солагии зодрӯзи шоира.

Саид Раҳмон (1941), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

Бурҳониддини Усмон (1941), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Мирзо Файзалӣ (1941-2016), 85-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон.

10 МАЙ

Абдулмаҷид Достиев (1946), 80-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Ҷумъа Исоев (1946), 80-солагии зодрӯзи сароянда.

Нозим Исломов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Назар Расулов (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Восид Сотиболдиев (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи астрофизика.

Борон Файзиев (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи фалсафа.

Шариф Ҷабборов (1941), 85-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа.

11 МАЙ

Азим Аминов (1951), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Холиқ Мирзозода (1911-1994), 105-солагии зодрӯзи адабиётшинос, адиб, доктори илми филологӣ, профессор.

12 МАЙ

Абдусаттор Қобилов (1916-1973), 110-солагии зодрӯзи муаррих.

Умар Неъматуллоев (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

13 МАЙ

Лутфия Айнӣ (1931-2015), 95-солагии зодрӯзи санъатшинос, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

Неъматулло Ҳалимов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

ФУРӮШИ ХОНА

Мефурӯшам, 2-ҳуҷрагӣ, 110 м.м., бо таъмир, қабати 9, назди тарабхонаи «Султанбек». Тел.: 900-55-12-20

Мефурӯшам, квартира, 60 м.м., қабати 2, 7 км. Тел.: 900-50-62-73

Мефурӯшам, 3-ҳуҷрагӣ, 65 м.м., қабати 12, бинои 15-ошёна, коробка, 30 000 в.ш., бозори Балх, назди ГАИ ҷумҳуриявӣ, Тел.: 900-55-12-20

Мефурӯшам, 3-ҳуҷрагӣ, 90 000 в.ш., қабати 6, бо таъмир, бинои навсохт, дар роҳи калон, Ашан. Тел.: 935-55-12-20

Мефурӯшам, 4-ҳуҷрагӣ, 100 000 в.ш., қабати 3, бо таъмир. Тел.: 900-55-12-20

ҲАВЛИИ ФУРӮШӢ

Мефурӯшам, ҳавлӣ, 7 сотих, 8 дар хона, 220 000 ҳазор доллар, (Восточные холмы), 9 км, назди масҷиди ҷумъаҳонӣ. Тел.: 900-55-12-20

Мефурӯшам, ҳавлӣ 3 сот. замин, 2 дар хона, Аэропорт, назди мактабу боғчаи бачагона, 80 000 в.ш. Тел.: 900-55-12-20

Мефурӯшам, ҳавлӣ, 4 сот. замин, 5 дар хона, Чоряккорон, таъмир то обой, 70 000 в.ш. Тел.: 935-55-12-20

Ҳавлӣ, нишонӣ: бозори "Кушониён", бо хона дар маҳаллаи 46 мкр иваз мешавад, дар маҳаллаи Текстил, бозори "Меҳргон". Тел.: 55-29-700-50

ИҶОРАИ ХОНА

Иҷора медиҳам, 2-ҳуҷрагӣ, ҳавлии барак, бо шароиташ, Водонасос, к. У. Хаём 130, ҳ. 3. Тел.: 334-656-666

Иҷора медиҳам, 2-ҳуҷрагӣ, 7 км. Тел.: 904-42-49-56

Иҷора медиҳам, 3-ҳуҷрагӣ, қабати 4, бинои 5-ошёна, ба оиладорон ба муҳлати дароз, Испечак 2, М-4, паси ресторани "Шаҳриёр", 4000 сомонӣ. Тел.: 988-55-25-29

Иҷора медиҳам, 3-ҳуҷрагӣ, бо соҳибхона, бо шароитҳояш, ба мардони коргар, Автовокзал. Тел.: 0000-95-653

ҲАВЛИРО ИҶОРА МЕДИҲАМ

Иҷора медиҳам, ҳавлӣ, 2 дар хона, бо тамоми шароиташ, Сирк. Тел.: 93-918-85-25, 98-104-31-73

ИҶОРА МЕГИРАМ

Оилаи ҷавон иборат аз ду нафар дар маҳаллаи Медгородок хонаро иҷора мегирад. (Арзон). Тамоми вариантҳоро мебинем. Тел.: +7988-080-58-64 (вотсап)

ИВАЗ МЕКУНАМ

Иваз мекунам, ҳавлӣ, 4 дар хона, 3,5 сот. замин, 9 км, к. Болошаҳр, бо квартира дар шаҳр. Тел.: 905-68-29-68

НИЁЗ ДОРЕМ

Дар маркази омӯзишии "Душанбе Скул" муаллимон лозиманд: забонҳои чинӣ, англисӣ, русӣ, администратор бо донистани забони англисӣ (духтар), 46 мкр, ориентир: мактаби №76. Тел.: 904-08-08-13

Ба бонувони маҳсгари дорои сертификат ва ботаҷриба ниёз дорем. Тел.: 07-727-00-11, 003-81-82-82

Ба бонувони маҳсгар ниёз дорем, бо сертификат. Тел.: 900-55-67-13

КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини хона. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

Обой, шпаклёвка, ламинат, кафел, плитка. Тел.: 919-27-43-39, 00-569-41-41

Таъмири пурра ва қисман. Тел.: 404-61-09-09

Шпаклёвка, обой, плитка, ламинат, рангмолӣ ва дигар корҳо. Тел.: 98-807-66-64, 917-18-48-46

Насби батарея, ванна, унитаз, мошинаи ҷомашӯй, термексҳо. Тел.: 918-722-822

Таъмири яхдонҳо, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

МЕФУРӮШАМ ГУНОГУН

Дастгоҳи давон (беговая дорожка), 4000 сомонӣ, бонкаҳои гуногун яклухт, сервиси қаҳванӯшӣ. Тел.: 334-656-666

МЕХАРАМ ГУНОГУН

Молу ашёи гуногуни истифодашуда, зарфҳо, гарнитурҳои хоб. Тел.: 908-06-60-00, 986-17-62-62

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздузӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои либосшӯй, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта механам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, қолинҳо, флягҳо, асбобу анҷоми давраи шуравӣ, тангаҳо ва ғайраҳоро мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, тангаҳо, нишонҳо, асбобу анҷомҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳо, таҷҳизоти даврони шуравӣ, ҳайкалҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ (дубликат) аз 19.12.2023, №105829, ба номи Соҳибова Моҳрухсор Маҳмадаминовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, блок 1-2, ҳ. 95, ки аз ҷониби ҚДФ “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ш. Душанбе” дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Алиев Ҳикмат, ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Чортеппа, уч. Ҷӯйбодом 367, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №12601, ба номи Мирзошоева Меҳригул Саидовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Нодира 38а, санаи 20.02.2014, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ, А06266906, ба номи Раҷабов Шамсудин Абдулоиқович, ки санаи 02.02.2026 аз ШВКД ш. Ваҳдат дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартномаи №403/п иштироки ҳиссагӣ дар соҳтмон аз 13.09.2024, байни ҶДММ "Пойтахти Диёрам" ва Суҳробзода Амирҷон, ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи С. Айнӣ 55, блок А, хонаи 65, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, БМ№00229375, ба номи Шарифҳоҷаева Малика Дилдорҳоҷаевна, соли хатм 2006, ки аз ҷониби МТМУ №18-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Карахонов Асомиддин Шералиевич, ки аз ҷониби МИСИС соли 2022 дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Абдурахимзода Фирдавс Шуҷоуддин, ки соли 2022 аз ҷониби МИСИС дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дипломи ДМБ №0092110, рақами қайд №1985, ба номи Аминова Манижа Олимовна, ки соли 2017 аз Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №3926, ба номи Разоқов Қудратулло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 2-юм Мирзобек 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, АБ№033000 ва шаҳодатномаи мусиқӣ ба номи Муллобеков Ҳафиз Раҳимбекович, ки соли 1998 аз ҷониби Мактаб-интернати махсуси мусиқии санъати ҷумҳуриявӣ ба номи М. Атоев дода шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

ФАВРАН! ҚИМАТ МЕХАРАМ! ГАРНИТУРҲОИ ХОБ ВА ОШХОНА, ҶЕВОНҲОИ ЛИБОС, ДИВАНҲО, КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, ВАННАҲО, ДАРУ ТИРЕЗАҲО, ФАРШҲО (ПОЛЫ). ТЕЛ. 918-19-59-92, 907-68-68-10

ФАВРАН! ҚИМАТ МЕХАРАМ! ГАРНИТУРҲОИ ХОБ ВА ОШХОНА, ҶЕВОНҲОИ ЛИБОС, ДИВАНҲО, КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, ВАННАҲО, ДАРУ ТИРЕЗАҲО, ФАРШҲО (ПОЛЫ). ТЕЛ. 900-35-35-26, 913-49-77-77

Шартнома таҳти рақами ФР-БА-Д5/012-0315-0277, аз санаи 26.10.2024, аз тарафи ҶДММ “Довар 2015” ба номи Абдуллоев Худоёр Хайруллоевич дода шудааст, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Махсум 156, Блоки В, даромадгоҳи 5, ошёнаи 12-ум, квартираи рақами 315, бо масоҳати 84,4 кв.м., ҳуҷраи 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ (дубликат) аз 19.12.2023 №105830, ба номи Соҳибова Моҳрухсор Маҳмадаминовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, блок 1-2, ҳ. 96, ки аз ҷониби КДФ “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар ш. Душанбе” дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Худоёрова Рузигул Хайридиновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон 13, ҳ. 5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9 Т-АТА №0361382, ба номи Раҷабзода Мухлиса Абдухолик, ки соли 2016 аз ҷониби МТМУ №126-и н. Фирдавсӣ (собиқ №61-и н. Рӯдакӣ) дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ (дубликат) ба номи Соҳибова Моҳрухсор Маҳмадаминовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, блоки 1-2, ҳ. 95, ки дар бойгондории Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлия ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос №2М-43, аз 12.02.2009, ба номи Разоқов Қудратулло, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи 2-юм Мирзобек 46, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шартнома оиди ба ҳуқуқи моликият супоридани квартира (дубликат) таҳти феҳристи №12Б-537, аз 18.12.2023, ба номи Соҳибова Моҳрухсор Маҳмадаминовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, блок 1-2, ҳ. 96, ки аз ҷониби бойгондории Саридораи нотариалии давлати Вазорати адлия дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ (дубликат) ба номи Соҳибова Моҳрухсор Маҳмадаминовна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, блок 1-2, ҳ. 96, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтарчаи имтиҳонотии магистрӣ ба номи Давлатов Аминҷон Рустамович, ки соли 2024 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

Иттифоқи касабаи "Маркази таълимии методӣ оиди ислоҳоти хоҷагии манзилии коммуналӣ”, РМА: 030012930, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тиҷоратии «Аёмиддин», РЯМ: 3310007800, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тиҷоратии «Низомиддин-Т», РМА: 330014125, РЯМ: 3310010239, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶУДО

Аз 1 то 3-юми май дар шаҳри Душанбе мусобиқаи ҷудои Dushanbe Grand Slam 2026 баргузор шуд, ки дар он 240 ҷудокори 34 кишвари ҷаҳон ширкат карданд. Тоҷикистонро 40 ҷудокор муаррифӣ карда, ба гирифтани 4 нишон ноил шуданд.



СЕ НИШОНИ ТИЛО ВА ЯК БИРИНҶИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ DUSHANBE GRAND SLAM 2026

Дар рӯзи якуми мусобиқа паҳлавонҳои тоҷик Эмомалӣ Нуралӣ нишони тило ва Лоиқ Қутбуддинов нишони биринҷӣ гирифтанд. Эмомалӣ дар роҳ ба набарди ниҳоӣ Дилшодбек Баротови ӯзбек, Ислом Раҳимови озарбойҷонӣ ва Герман Кобетси русро шикаст дод. Дар рақобати ниҳоӣ Эмомалӣ бар Азизбек Ортиқови ӯзбек ғалаба кард.

Лоиқ Қутбуддинов дар вазни то 60 кг нишони биринҷӣ гирифт. Қутбуддинов дар мубориза барои нишони биринҷӣ бар Максим Мерлини фаронсавӣ зафар ёфт. Барои паҳлавони 18-солаи тоҷик ин аввалин нишон дар мусобиқаҳои “Тоскулоҳи бузург”-и ҷудо маҳсуб мешавад.

Ҳамчунин, дар рӯзи аввали мусобиқа паҳлавонҳои дигари тоҷик Икром Шамсов (-60 кг), Мехрзод Суфиев (-60 кг), Рамзиддин Азизов (-60 кг), Мусаниф Миробов (-66 кг), Обид Ҷебов (-66 кг), Искандар Маҳмадхоҷазода (-66 кг), Аҳлия Муъминова (-48 кг), Нушин Ҷумаева (-48 кг), Марям Назарова (-48 кг), Суҳайло Сафарзода (-52 кг), Мадина Қурбонзода (-52 кг), Зуҳал Ҷумаева (-52 кг), Райҳона Розиқзода (-52 кг), Раҳмия Ханҷарбекова (-57 кг) ва Сабина Каримова (-57 кг) ҳунарнамоӣ карда, бе нишон мусобиқаро ба анҷом расониданд. Александра Кан (-57 кг) бинобар зиёд будани вазн дар мусобиқа ширкат накард.

Дар рӯзи дуюми мусобиқа Муҳиддин Асадуллоев ва Сомон Маҳмадбеков ба гирифтани нишонҳои тило ноил шуданд. Масъуди Аҳмадзод ва Сунатулло Мӯсоев мақоми панҷумро ишғол карданд. Муҳиддин Асадуллоев дар вазни то 73 кг дар даври аввал озод буда, то набарди ниҳоӣ бар Карим Абдуллоев аз АМА, Иноят Телманов аз Ӯзбекистон, Рашид Мамадалиев аз Озарбойҷон пирӯз шуд. Дар рақобати ниҳоӣ Муҳиддин бо Карен Галстиан аз Русия нерӯсанҷӣ карда, ғолиб омад.

Сомон Маҳмадбеков дар вазни 81 кг дар роҳ ба финал ғалабаро бар Таулан Байсиеви рус, Аскар Наркулови қазоқ ва Дҷало Алфа Оумари фаронсавӣ ба даст оварда. Дар финал Сомон бар Барнд Фашинг аз Австрия ғолиб омад.

Ҳамчунин, дар рӯзи дуюми мусобиқа паҳлавонҳои дигари тоҷик Бинёмин Назиров (-73 кг), Абдуллои Ориф (-73 кг), Масъуди Аҳмадзод (-73 кг), Абубакр Боқиев (-81 кг), Сунатулло Мусоев (-81 кг), Бахтиёр Бозоров (-81 кг) ва Ҷонона Назарова (-63 кг) ҳунарнамоӣ карда, бе нишон мусобиқаро ба анҷом расониданд.

Дар рӯзи охири мусобиқа Тоҷикистонро Туйчибек Шарипов (-90 кг), Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (-90 кг), Умедҷон Рачабов (-90 кг), Саидраҳим Раҳимов (-90 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов (-100 кг), Муҳсин Малаев (-100 кг), Абдулаҳад Маҷидов (-100 кг), Сомонӣ Кишваров (-100 кг), Парвиз Абдураҳмонов (-100 кг), Умар Муносибов (+100 кг), Мансур Раҳмон (+100 кг), Муҳаммадрасул Давлатов (+100 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг) намояндагӣ карда, бе нишон мусобиқаро ҷамъбаст карданд.

Тоҷикистон пас аз анҷоми мусобиқаи Dushanbe Grand Slam 2026 аз ҳисоби нишонҳо зинаи дуюмро ишғол кард. Ҷудокорони тоҷик 3 нишони тило ва 1 нишони биринҷӣ ба даст оварданд. Ҷойи аввалро Русия бо 3 тило, 3 нуқра ва 6 биринҷӣ соҳиб шуд. Муғулистон бо 2 тило, 2 нуқра ва ё биринҷӣ сеюм шуд.

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

КМВА БОЗ ҲАМ ПЕШСАФИРО АЗ ДАСТ НАДОД

Вохӯриҳои даври ҳафтуми Лигаи олии Чемпионати футболи Тоҷикистон бо задани 20 гол, ки 8 гол нисбат ба даври гузашта бештар аст, ба анҷом расиданд. Клуби Марказии Варзиши Артиши шаҳри Душанбе пешсафиро пас аз даври ҳафтум низ идома медиҳад.

Даври ҳафтуми Чемпионати футболи Тоҷикистон бо бозии дастаҳои “Баркчӣ” ва “Регар-ТадАЗ” оғоз шуд. Вохӯрии дастаҳо дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе баргузор шуда, бо ҳисоби 4:1 ба фоидаи дастаи шаҳри Турсунзода хотима ёфт.

Дар бозии дигари давр дар дербии маркази вилояти Суғд “Парвоз” дар баробари “Хуҷанд” дар варзишгоҳи “20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон” бо ҳисоби 2:0 зафар ёфт ва аз дастаҳои охири ҷадвал фирор кард.

Рустам Хоҷаев бо “Сардор” дар шаҳри Хуҷанд дар баробари “Эсхата” бо ҳисоби 4:3 ном шуд. «Сардор» яке аз ду дастаи мавқеи охири ҷадвал аст, ки то ин дам ҳамагӣ 5 имтиёз дорад.

Дар Варзишгоҳи марказии ноҳияи Фархор дастаҳои “Ҳосилот” ва “Равшан” бозӣ карданд, ки “Ҳосилот” бо натиҷаи 1:0 пирӯз шуд.

КМВА ва “Истаравшан” дар Душанбе бозӣ карданд ва ин вохӯрӣ бо ҳисоби 2:1 ба суди КМВА хотима ёфт. Баъди ин ғалаб КМВА мавқеи худро дар садри ҷадвал нигоҳ дошт, “Истаравшан” ҳанӯз ҳам дар охири ҷадвал аст.

«Истиқлол» ғалабаи 300-уми худро дар Чемпионати Тоҷикистон ба даст овард. Ин натиҷа дар рақобати даври 7-уми Лигаи олӣ бо дастаи «Вахш» ба қайд гирифта шуд, ки бо ҳисоби 2:0 ба поён расид.



РЕЗААХБОР

Федератсияи байналмилалии ҷудо расман эълон кард, ки яке аз бонуфузтарин мусобиқаҳои ҷаҳон, мусобиқаи "World Judo Masters" аз 18 то 20-уми декабри соли 2026 дар Душанбе баргузор мешавад. Дар мусобиқа 36 ҷудокори беҳтарин дар ҳар категорияи вазн тибқи рейтинги ҷаҳонӣ ширкат мекунанд. Шумораи варзишгарон аз як кишвар маҳдудият надорад, ки ин мусобиқаро то ҳадди имкон шадид ва одилона мегардонад.

***

Аз 1 то 3-юми май дар Бишкек Чемпионати ҷиу-ҷитсуи бразилии Осиёи Марказӣ (JJAU Regional Championship Central Asia 2026) баргузор шуд, ки дар он дастаи Тоҷикистон таҳти роҳбарии Комил Боймуродов се медали нуқра ва нуҳ медали биринҷӣ ба даст оварад.

***

Размикори тоҷик Қамариддин Ҳасанов (9-4), ки бо лақаби "Комил Карате" маъруф аст,



дар мусобиқаи муҳорибаҳои омехтаи Octagon 86 дар Тошканд бо Оғобек Абдумуъминов (5-1)-и ӯзбекистонӣ бо лақаби "Сатурн" мубориза бурд ва бо қарори якдилонаи доварон пирӯз шуд.

***

Дар асоси қарори раиси шаҳри Душанбе, дар пойтахт Фестивали футбол бахшида ба «Рӯзи ҷаҳонии футбол» дар сатҳи баланд ҷашн гирифта мешавад. Рӯзи ҷаҳонии футбол 25-уми май аст.

***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози то 17-солаи Тоҷикистон Ҷоми Осиё-2026-ро, ки дар Арабистони Саудӣ идома дорад, бо ғалаба оғоз кард. Дар даври якуми марҳилаи гурӯҳӣ шогирдони Далер Каёсов тими Тайландро бо ҳисоби 2:0 мағлуб карданд. Бозии навбатии даста 9-уми май бо дастаи Мянма аст.



ИМКОНИЯТ

Мардеро ҳангоми аз бонк дуздӣ карданаш дастгир карда, мепурсанд:

- Чаро даст ба дуздӣ задӣ?

Мард мегӯяд:

- Аз назди бонк мегузаштам, ки назарам ба навиштаҷоти “Имкониятро аз даст надеҳ” афтод.

МУШҲОИ БАИНСОФ

Пирамарде ҳангоми ба деҳа рафтанаш як халта мавизи худро дар хонаи ҳамсоя, ки он ҷо чор нафар донишҷӯ-духтар мезистанд, амонат мемонад. Донишҷӯён ҳар бегоҳ аз мавиз кам-кам мехӯранду дар таги халта каме мавиз боқӣ мемонад. Баъди як моҳ пирамард омада, халтаи мавизашро суроғ мекунад. Духтарон халтаро бароварда, мегӯянд:

- Бобоҷон, узри зиёд, хонаи мо муш пайдо кардааст.

Мӯйсафед даҳони халтаро кушода, мегӯяд:

- Хайрият мушҳои баинсоф будаанд, камакак мавиз мондаанд...

ЗАБОНИ ДИГАР

Писарчаи 5-сола ба гапзаниҳои додарчаи 2-солааш диққат дода, мегӯяд:

- Оча, ҳамин додарам дар беморхона иваз нашуда бошад?

Модар мепурсад:

- Барои чӣ?

Писарча дар ҷавоб:

- Ба фикрам тоҷик нест, ба кадом як забони дигар гап мезанад.

ВАСИЯТ

Мӯйсафеде баъди садама дар дами марг ба завҷааш васият мекунад:

- Занакҷон, зиёд ғам махӯр, боз ба шавҳар мебароӣ, ҳамааш хуб мешавад...

Пиразан мегӯяд:

- Эҳ мардак, мани кампирро дигар кӣ мегирад? Агар ҳамин садамаи фалокат ақаллан 20 сол қабл рух медод, шонс доштам.

САНГ

Марде ҳамроҳи писараш ба сари қабри хушдоманаш мераванд. Писарак мепурсад:

- Дада, барои чӣ дар қабри бибиям ин қадар санги калон гузошта шудааст?

Падар дар ҷавоб:

- Барои он ки ба берун баромада натавонад, бачем.

ҶАБРДИДА

Дар толори суд аз ҷабрдида мепурсанд:

- Ҷабрдида, шумо ҳамин нафарро, ки мошинатонро дуздидааст, шинохтед?

Ҷабрдида дар ҷавоб:

- Рафиқ судя, баъд аз суханронии адвокати ин кас ман бо дилпурӣ гуфта наметавонам, ки мошин доштам ё не.

НАФРАТ

Актриса бо режиссёр моҷаро мекунанд. Актриса дар сари қаҳр:

- Шумо маро чашми дидан надоред! Бовар дорам, ки дар ҷанозаам омада, ба рӯйи қабрам туф мекунед!

- Ба ҳеҷ ваҷҳ! Ман тобу тоқати дар навбат истоданро надорам.

ЗАҲР

Марде ба духтури ҳайвонот занг зада, мегӯяд:

- Ҳозир ба наздатон хушдоманам бо саги пираш меояд. Илтимос, ягон захри сахттаъсир диҳед, ки дурудароз азоб накашад.

Байтор:

- Майлашу баъд саг худаш роҳи хонаатонро меёбад?

ЗАНГИР

Марде баъди издивоҷ бо дӯстонаш вомехӯрад. Аз ӯ мепурсанд:

- Хайр, занат чӣ хел?

Мард:

- Даҳшат! Рӯзи дароз дар майкадаву тарабхона мегардад!

Дӯстонаш ҳайрон шуда:

- Чӣ, занат арақ менӯшад?

Мард:

- Э нее, маро кофтанӣ меравад!

ҒОРАТ

Дар толори суд:

- Судшаванда, чаро шумо бонкро ғорат кардед?

- Аввал худаш сар кард...

ШИКОЯТ

Зан ба шавҳар:

- Тамоми шаб хобам набурд, ту хуррок кашидиву саг ҷакид.

Шавҳар:

- Чӣ, ту мехоҳӣ, ки саг хуррок кашаду ман ҷакам?

ҚАДРУ ҚИМАТ

- Рост аст, ки ту ба хотири духтаре арақу сигорро партофта, духтарбозӣ намекунӣ, ҳатто донишгоҳро ғоибона хатм кардӣ?

- Рост аст.

- Пас, чаро ӯро ба занӣ нагирифтӣ?

- Зеро дарк кардам, ки бо чунин қадру қимат метавонам зани беҳтар ёбам!

ГИПНОЗ

Як пиразан ба дигараш дарди дил мекунад:

- Ба фикрам ман истеъдоди гипнозкунӣ дорам.

- Чӣ хел?

- Ҳамин ки ба автобусу троллейбус дароям, тамоми чавононро дар ҷойи нишасташон хоб мебарад!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

